Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

19 августи соли 2015, чоршанбе, №34 (1013)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН



## БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ ГАРАВИДАНИ ҶАВОНОН: *ОҚИБАТ ВА ПАЙОМАДҲО*

**Бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан"-и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Тоҷикистон, бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии ҷавонон дар бинои Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар мавзӯи "Омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирии он" мизи мудаввар баргузор гардид.**

*саҳ. 2*

## *ЗАНОНИ КИШОВАРЗ*

## АЗ ҲАҚТАЛАБӢ МЕТАРСАНД?



*саҳ. 10*

### МАРДУМ АЗ АФЗАЛИЯТИ МАҲСУЛОТИ ВАТАНӢ КАМ ОГОҲӢ ДОРАНД



*саҳ. 8*



### ИСТИРОҲАТИ КӮДАКОНИ НАВОҲИИ ОСЕБДИДА ТАЪМИН МЕШАВАД

*саҳ. 6*

### ТАҲДИДИ "ТАЛКО" БА МУҲИТИ АТРОФ ДУРӮҒ АСТ!



*саҳ. 9*



### КӮЛҲОИ ШИФОБАХШ – МАНБАИ ДАРОМАД

*саҳ. 12*

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО НИКОЛАЙ БОРДЮЖА



**Дирӯз Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) Николай Бордюжаро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, омодагӣ ба ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои ин созмон, ки моҳи сентябри соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ шуд.

Николай Бордюжа ба муҳтаво ва ҷараёни раёсати Тоҷикистон дар СААД баҳои баланд дода, аз ҷумла изҳори бовар намуд, ки ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои ин созмон дар шаҳри Душанбе натиҷаҳои умедбахш хоҳад овард.

Гуфтугӯйи судманд доир ба рафти иҷрои қарори сарони давлатҳои аъзои СААД аз 23 сентябри соли 2013 доир ба расондани кумаки фаврӣ ба Тоҷикистон барои пурзӯр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон сурат гирифт.

Ҳамчунин доир ба авзои кунунӣ ваояндаи Афғонистон ва дигар минтақаҳои доғи ҷаҳон, тақвияти мубо特изаи муштарак бо густариши терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои минтақавию ҷаҳонӣ табодули назар карда шуд.

Изҳори бовар карда шуд, ки тадбирҳои тарҳрезишудаи муштараки кишварҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ барои нигоҳ доштани фазои эътидолу субот дар минтақа нақши муассиру судбахш хоҳад гузошт.

*www.president.tj*

---

**Ҳаёти ҳизб**

# БА ГУРӮҲҲОИ ИФРОТӢ ГАРАВИДАНИ ҶАВОНОН: *ОҚИБАТ ВА ПАЙОМАДҲО*

**Рӯзи 12 августи соли равон бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан"-и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии ҷавонон дар бинои Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи "Омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирии он" мизи мудаввар баргузор гардид.**

Дар ин ҳамоиш **Латифзода Асрор Қурбон**, муовини раиси ҲХДТ, **Назарзода Сайфиддин**, директори Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Тоҷикистон, **Абдувоҳид Шамолов**, доктори илмҳои фалсафа ва намояндагони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ ва намояндагони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

**Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ**, раиси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" гуфт, ҷамъомади мазкур бо мақсади расидагӣ ба проблемаҳои қишри ҷавони ҷомеа, омӯзиши омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ҳаёти онҳо ва дарёфти роҳу усул ва механизмҳои муосири корбарӣ бо ҷавонон баргузор мегардад.

Ҷаласаи мазкур бо сухани ифтитоҳии **Латифзода Асрор Қурбон** оғоз ёфт. Мавсуф аз ҷумла афзуд, ки дар марҳалаи кунунӣ ба ин масъалаи муҳим, яъне масъалаи пешгирии шомил гардидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро рӯ овардани ҲХДТ беҳуда нест. Зеро ин тамоюли номатлуби иҷтимоӣ ҳеҷ фарди ватандӯст ва солимфикри ҷомеаро, ки озодиву мустақилияти Ватан ва суботу амнияти кишвар барояш азиз аст, бетараф гузошта наметавонад.

ҲХДТ то ба имрӯз дар ин самт, дар асоси дастуру супоришҳои роҳбари ҳизб, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бисёр корҳои муфиду арзишмандро ба сомон расонидааст. Вале таъкид бояд дошт, ки ҳамаи корҳои анҷомдода, чи дар марказ ва чи дар кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва тадбирҳои андешидашуда, талаботи моро ба пуррагӣ қонеъ гардонида наметавонад. Аз ин рӯ ҳизби мо баҳри дарёфти роҳҳои беҳтару муассиртари тарбияи ватанпарастӣ ва таблиғи ғояҳои ифтихори миллии ҷавонон пайваста талошҳо менамояд. Бо дарки ҳамин нукта агар воқеъан мо мехоҳем, ки Истиқлолияти кишварамонро таҳким бахшем ва ватани хешро ободу шукуфон ва амнияту суботро дар ҷомеа пойдор гардонем, бояд ба ин масъала, яъне роҳҳои пешгирии ҷавонон аз гурӯҳҳои ифротгаро тадбирҳои муҳиму пайи ҳам андешида фаъолиятҳои созандаро мавриди иҷрои саривақтӣ қарор диҳем, - афзуд муовини раиси ҲХДТ.



Вай ҳамчунин изҳор дошт, ки айни замон вазифаи мо аз он иборат аст, ки ин муқаддасот, яъне эҳсоси ватандӯстиву худшиносии миллиро дар замири насли наврас ва ҷавонон ҷо намуда, онҳоро ба ин самт раҳнамоӣ созем. Ин тадбир аз оила ибтидо гирифта, бояд дар мактабу донишгоҳ такмилу тақвият ёбад.

Абдувоҳид Шамолов дар мавзӯи "Давлати исломии Ироқу Шом ва таъсири он ба ифротгароӣ дар Осиёи Марказӣ" маърӯза карда, масъалаи омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз онро масъалаи рӯзмарра ва хеле актуалӣ арзёбӣ карда гуфт: "Ҷаҳон имрӯз дар ҳолате қарор дорад, ки мо ҳатто намедонем, ки фардо чӣ мешавад. Зеро кишварҳои абарқудрат ҷаҳонро ба як ҳолате рӯ ба рӯ сохтаанд, ки аксун худашон намедонанд чӣ кор кунад, ки ҷомеаи башариро ба роҳи дуруст ҳидоят кунанд. Ин аз заифии давлатҳои бо ном абарқудрат шаҳодат медиҳад. Чаро ДИИШ-ро ба вуҷуд оварданд? Чаро як силсила ҷараёнҳои ифротгароӣ дар ҷомеаи башарӣ, бахусус аз баҳри Миёназамин то кӯҳҳои Ҳимолой дар ҳолати ҷангу куштор ва дар ҳолати қатли ом қарор дорад, ки як минтақаи бузурги ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад. Вале ин ҷо сари он бояд андеша кард, ки чаро бештар ҷавононро ҷалб мекунад? Ин ҷо ду лоиҳа ҳаст. Лоиҳаи якум ин лоиҳаи Хюстон аст, ки дар доираи он аз байн бурдани Иттиҳоди Шӯравӣ, кишварҳои пасошӯравӣ ва давлатҳои собиқ лагери сотсиалистӣ буд, ки мувофиқи ин нақша аллакай масъалаҳо ҳалли худро пайдо карданд. Ва ахиран як гурӯҳи бисёр бузурге ҳам нишастанд, то ин ки тарҳи лоиҳаи Гарвардро ба вуҷуд оваранд.

Мавсуф аз ҷумла афзуд, ки лоиҳаи Гарвард ин як лоиҳаи махфӣ аст, ки ҳадафи он қабл аз ҳама аз байн бурдани Федератсия Русия ва кишварҳои пасошӯравӣ аст. Дар доираи харитаи нави ҷаҳон, дар Осиёи Марказӣ як давлати бузург бо номи давлати Фарғона тарҳрезӣ шудааст. Ва он дар доираи хилофати ба истилоҳ ҷадиде, ки имрӯз аз ҷониби ДИИШ эълон шудааст, бояд амалӣ гардад. Ҳадаф аз истифодаи захираҳои бойи зеризаминӣ ва инсонӣ буда, ин кор аллакай бошиддат пеш меравад. Чуноне ки медонем, инҳо таҳти шиорҳои гуногун ва дар либосҳои гуногун пешкаш мешаванд.

Вай инчунин иброз намуд, ки ҳар як тарҳе ки пешниҳод мешавад, ҳадафи ниҳоии худро дорад. Барои он ки ба равони мову шумо таъсир расонида тавонанд, баҳонаҳои ҳазорҳоро бо номи экстремизму терроризм, радикализм ва ғайраҳоро истифода мекунанд".

Инчунин А. Шамолов дар поёни суханаш пешниҳод намуд, имрӯз вақти он расидааст, ки бояд як барномаи муштараки ҷадиду мукаммалеро таҳти унвони **«Ҷавонон ва масъалаҳои радикализм»** таҳия намуд. Барои амалӣ сохтани ин барнома тамоми сохторҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ ҷалб гардида, ҳамоҳангсозии он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад. Ҳадаф аз таҳияи чунин барнома мубoризаи мақсаднок ва пай дар пай бар зидди падидаҳои номатлуб аз қабили радикализ, зуҳуроти он дар шакли экстремизм ва методи амалисозии он, яъне терроризм дар байни наврасон ва ҷавоно мебошад.

Ҳамн тариқ намояндагони сохторҳои дахлдор, ки дар ҳамоиши мазкур иштирок доштанд дар мавзӯъҳои гуногун оид ба омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз он маърӯза карда, баҳри пурзӯр намудани мубориза бар зидди гурӯҳҳои ифротгаро фикру пешниҳодҳои худро ироа карданд. Инчунин пас аз шунидани маърӯзаҳо миёни ҳозирин мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

---

**Бо ибтикори Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" ба муносибати оғози Соли нави хониш иқдоми "Мактаб-даргоҳи маърифат" роҳандозӣ карда мешавад.**

## "Мактаб-даргоҳи маърифат"

Дар заминаи иқдоми мазкур ҳамаи комиҷроияҳои ҳизбии вилоятҳо, шаҳру навоҳӣ, намояндагиҳои ТҶҶ "Созандагони Ватан" вазифадор карда шудаанд, ки бо ҷалби васеи масъулину фаъолони ҳизбӣ ва аъзоёну ихтиёриёни "Созандагон" корҳои таблиғотиро оид ба таълиму тарбия, баланд бардоштани маърифати насли ҷавон, сафарбар кардани наврасон ба донишомӯзӣ ва ғайра вусъат бахшанд.

Ташаббуси мазкур тибқи нақшаи фаъолияти Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва дастурҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди рушди маърифати ҷавонон ва дар сатҳи баланди маънавӣ истиқбол гирифтани Соли нави хониши 2015-2016 амалӣ гардонда мешавад.

Чуноне ки аз дафтари матбуоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар зимни иқдоми мазкур, ки аз 15 август то 1 сентябри соли равон идома меёбад, комиҷроияҳои ҳизбии вилоятҳо ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва кӯмаки молии соҳибкорон-фаъолони ҲХДТ барои талабаҳои эҳтиёҷманд ва кӯдаконе, ки бори аввал ба мактаб мераванд, асбобу анҷоми таълимӣ ва сарулибоси мактабӣ тақдим мекунанд.

Дар доираи татбиқи ин ташаббус бештар ба масъалаи ҷалби хонандагон дар деҳоти навоҳии кӯҳистон ба зинаи сеюми таҳсилот (синфҳои 10-11) равона карда шуда, навгониҳои бахши мактабу маориф шаҳру ӯзоҳ дода мешавад.

**У. СОЛЕҲ, суханугӯи ҲХДТ**

# ИСТИРОҲАТИ ХУБ НЕРӮИ ТОЗА МЕБАХШАД

**Бо мақсади таҳким бахшидани фаъолияти кормандони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, ҳавасманд гардондани онҳо бахри ривоҷи корҳои ҳизбӣ ва баланд бардоштани савияи маънавӣ ва саломатии аъзои ҳизб тадбирҳои судмандеро амалӣ мегардад. Аз ҷумла Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои табобат ва барқарор намудани саломатӣ гуруҳеро иборат аз панҷ нафар фаъолони ҳизб ба тариқи ройгон ба профилакторияи "Роҳи оҳанчиён" воқеъ дар Ромит, ки марбут ба КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мебошад, фиристод.**



***Дар ин ҷо истироҳаткунандагон ба ҷуз фароғат, инчунин ба табобат фаро гирифта мешаванд. Утоқҳои физиотерапевтӣ, махси бадан, сӯзанмонӣ ва ғайраҳо амал карда, бемориҳои остеохондроз, асаб, диққи нафас, дил ва ғайраҳо табобат меёбанд. Дар давоми ҳафта мизоҷонро ду маротиба барои табобат гирифтан ба оби шифобахши "Зайрон" мебаранд.***

***Манзили зисти истироҳаткунандагон барҳаво буда, бо телевизор, яхдон, кондисионер ва дигар шароитҳои маишӣ муҷаҳҳаз гаштаанд.***

***Истироҳаткунандагоне, ки аз ҷониби ҲХДТ фиристода шуда буданд,таассуроти худро чунин баён медоранд:***

**Мақсудой АСАДУЛЛОЕВА, раиси комиссияи кор бо занони Кумитаи Иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритус:**



-Аз иқдоми пешгирифтаи Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Тоҷикистон барои табобат ва барқарор намудани саломатии аъзо ва кормандони ҳизб шоду мамнунам, ки маро ба тариқи ройгон ин ҷо фиристоданд.

Фароғатгоҳи "Роҳи оҳанчиён" дар соҳили дарёи Ромит ҷойгир буда, боду ҳавои тоза, чашмаҳои мусаффои ин макони зебоманзар барои мо, истироҳаткунандагон дилкаш аст ва фароғатамонро хубу гуворо намудааст.

Кормандони фароғатгоҳ ба мо муносибати хуб доранд ва дар ҳама мавридҳо барои осоишу фароғати хубамон хизмати хешро дареғ намедоранд.

Сатҳи хизматрасонии табибон низ ҷавобгӯ ба талаботи саломатии мо мебошад. Дар утоқҳои кории табибон дастгоҳҳои замонавии табобатӣ васл гардидаанд.

Хулоса, мо, аъзои ҳизб аз маъмурияти осоишгоҳи "Роҳи оҳанчиён" миннатдор ҳастем.

**Маҳмадкабир ҚАЛАНДАРОВ, роҳбари ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Маорифчиён" дар ноҳияи Фархор:**



-Аз фаъолияти кории кормандони фароғатгоҳ махсусан раҳбари он Абдунаим Ҳикматов хеле қаноатмандем. Номбурда қариб ҳар рӯз аз ҳолу аҳволамон пурсон шуда, баъзан ҳангоми сайри гӯшаҳои табиат ба мо роҳбаладӣ мекунад. Инчунин, табибони осоишгоҳ Сайлонбӣ Акбарова, Муродулло Қаюмов, Маҳмадназар Маҳмадназарбеков тамоми муқаррароти табобатии марбутаро сари вақт мегузаронанд ва кӯшиш мекунанд, ки вазъи саломатии мо хуб гардад.

Ибтикори неке, ки раҳбарияти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пеш гирифтааст, ба назари банда, оянда самараи хуби корӣ медиҳад, зеро солимии миллат солимии давлат аст.

**Назирамо ҲУСЕЙНОВА, собиқадори ҲХДТ:**



- Мамнун аз онам, ки раёсати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мо собиқадорони ҳизбро ба гӯшаи фаромушӣ нагузошт ва ибтикори пешгирифтаашон боиси сарфарозии мост.

Тӯли чанд рӯз аст, ки мо истироҳат карда, саломатиамонро барқарор карда истодаем. Дар ин ҷо тамоми шароитҳои даркорӣ барои истироҳаткунандагон муҳайё карда шудаанд. Кормандони фароғатгоҳ кӯшиш мекунанд, ки тамоми шароити заруриро бароямон омода созанд.

**Анорсилтон НАЗРИШОЕВА, муовини Раиси КИИ маорифчиёни ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе:**



- Боиси хурсандист, ки мақомоти ҳизб ҷиҳати табобат ва барқарор намудани саломатии кормандон ғамхорӣ мекунад. Албатта, ин иқдоми накӯ ҳамчун омили хуб ва таъсиррасон дар фаъолияти ҳизбӣ doниста мешавад.

Дар профилактория мо ҳам табобат меёбем ва ҳам истироҳати хуб мекунем. Қабл аз ҳама, ин ҷо шароити хуби фароғатӣ фароҳам оварда шудаанд. Истироҳатгоҳ дар яке аз гӯшаҳои зебоманзари дараи Ромит ҷойгир шудааст.

Тӯли чанд рӯзе ки дар ин ҷо истироҳат карда истодаам, худро хеле солим ва бардам ҳис мекунам. Умед дорам, ки баъди истироҳат бо қувваи дучанд ба фаъолияти корӣ пардозам.

**Фаррухҷон Зоҳидов, раиси ташкилоти ибтидоии "Дирафш"-и шаҳри Хуҷанд:**



- Аз иқдоми раёсати ҳизб сипосгузорам, ки мо - кормандони дар музофот бударо ҳамеша дастгирӣ мекунанд. Маҳз ибтикори онҳост, ки таи чанд рӯз боз ман дар ин профилактория истироҳат карда истодаам.

Дар фароғатгоҳи мазкур пеш аз ҳама табибонаш ба саломатии истироҳаткунандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Маро, ки дарди нимсара азоб медод, дар давоми се чор рӯз, бо кӯмаки духтур-маҳсгар Муродулло Қаюмов аз шиддатнокии ин дард раҳоӣ ёфтам.

Инчунин, роҳбарияти ин фароғатгоҳ ба истироҳати мо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Сарвари осоишгоҳ Абдунаим Ҳикматов ҳамеша аз ҳолу аҳволи мо хабар мегирад ва дар мавридҳои зарурӣ кӯмаки хешро дареғ намедорад.

Аз қадрдонии раҳбарияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, сипосгузорем.

**Т.ОРИФӢ**

## Шарҳи рӯйдодҳо дар "Соатҳои сиёсӣ"

*Шарҳу таҳлили рӯйдод ва воқеаҳои муҳим аз самтҳои асосии кори ташкилотҳои ҳизбӣ мебошад.*

**Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ин масъала дар асоси дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи иҷроияи Марказии ҲХДТ, бо мақсади ҳамаҷонибa фаҳмондани дастовардҳои Созмони ҳамкориҳои Шанхай, робитаҳо ва натиҷаҳои самарбахши муносибат бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Ветеринарӣ"-и ноҳияи Фирдавсӣ соатҳои сиёсӣ баргузор гардид.**

**Дар ин чорабинӣ ҳамчунин дар мавриди аҳамияти Созишномаҳои ба имзо расида зимни сафари сарвазири Ҳиндустон ба Тоҷикистон ва комёбиҳои солҳои ахири кишварамон дар самти ҳамкориҳои хориҷӣ табодули назар сурат гирифт.**

**Дар ин мулоқот бо аъзоёни ҲХДТ раиси КИ ҲХДТ-и ноҳия С. Асоев ва мудири шуъбаи таблиғоти КИ ҲХДТ Муҳриддин Ғаффоров иштирок доштанд.**

**Мулоқот бо суханони ифтитоҳии раиси ташкилоти ибтидоӣ Маҳмудов Камолиддин оғоз шуд.**

**Пас аз он М. Ғафоров оид ба Нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай, ҷаласаи роҳбарони давлатҳои узви Иттиҳоди Авроосиё ва мамолики аъзои БРИКС, ки ҳамзамон 8-11 июли соли 2015 дар шаҳри Уфаи Федератсияи Русия баргузор шуд, маърӯза кард. Ӯ иброз дошт, ки сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин нишастҳо иштирок карда, ҳамчунин як зумра пешниҳодҳои мушаххас ба миён гузошт, ки мавриди дастгирии ширкаткунандагон қарор гирифтанд.**

**Аз ҷумла дар суханрониҳои роҳбари давлати Тоҷикистон таъкид гардид, ки "Кор бо ҷавонон ва ба манфиати ҷавонон ба яке аз авлавиятҳои муҳими фаъолият дар чорчӯби барномаҳои СҲШ бояд табдил шавад." Аз сӯи Президенти Тоҷикистон инчунин пешниҳод карда шуд, ки "яке аз солҳои оянда дар кишварҳои аъзои ин созмони минтақавӣ Соли ҷавонон эълон шавад".**

**Дар охири мулоқот бо аъзои ҳизб Раиси КИ ҲХДТ-и ноҳия С. Асоев ба сухан баромада, доир ба аҳамияти иқдомоти Сарвари давлати Тоҷикистон барои тавсиаи робитаҳо бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, ҷиҳати кам кардани хатароти пешомада аз таҳдидҳои ҷаҳонӣ таъкид намуд. Вай қайд кард, ки ҳар як узви ҷомеа сарфи назар аз он ки узви ҳизб аст ё не барои ҳифзи суботу оромӣ ва пешрафти кишвар бояд саҳм гузорад.**

**Мулоқот дар фазои якдигарфаҳмӣ ва посух додан ба пурсишҳои иштирокчиён анҷом ёфт.**

**С. ЮСУФОВ**

# *ИСТАРАВШАН:* ВАРЗИШГАРОН ТЕРРОРИЗМРО МАҲКУМ МЕНАМОЯНД

**Бо ташаббуси ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Истаравшан ва аксияи "Ҷавонон - зидди терроризм ва ифротгароӣ" гузаронида шуд.**




Дар доираи аксияи мазкур саравал дар мавзӯи "Ҷавонон зидди терроризм ва ифротгароӣ" бо иштироки васеи ҷавонон конференсия барпо гардид. Дар ибтидо Ф.Бобоев, мудири шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи МИҲД-и шаҳр, аъзои Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб дар мавзӯи "Ҷавонон терроризмро маҳкум менамоянд", маърӯза карда, омилҳои гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва оқибатҳои онро ба иштирокчиён шарҳ дод.

Мавсуф зимни баромади худ ҷавононро даъват намуд, ки фирефтаи ҳар гуна найранги миёнаравҳо нагашта, ба донишу малакаи худ такя намуда, ба ҳодисаю воқеаҳо бошуурона баҳогузорӣ намоянд. Ӯ ҳамзамон таъкид намуд, ки бархе аз ҷавонон, ки гумроҳ гашта, фирефтаи суханони миёнравони хориҷӣ мегарданд, ба давлатҳои ҷангзада рафта, барои кӣ ва барои чӣ ҷангиданашонро намедонанд.

Сипас Манижа Азимова, донишҷӯи бахши дуюми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, Фахриддин Саидҳамзахонзода, хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51, Мафтуна Султонова, донишҷӯи бахши дуюми коллеҷи тиббӣ, Мустафохон Воситов, муовини имомхатиби масҷиди ҷомеаи "Ҳазрати шоҳ" баромад карданд.

Пас аз анҷоми конференсия дар толори варзишии "Озар"-и кумитаи маҳаллаи ба номи А.Навоӣ ҷамъомади пурмӯҳтаво бо номи "Варзишгарон терроризмро маҳкум менамоянд" барпо гардид. Дар ибтидои чорабинӣ маърӯзаи Ҳ.Гадойбоев, раиси созмони ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" дар шаҳри Истаравшан шунида шуд. Дар интиҳо ҷавонон аз рӯи намуди гӯштини юнонӣ-румӣ байни ҳам қувваозмоӣ карданд.

Аксияи "Ҷавонон терроризмро маҳкум менамоянд", дар ҷамоати деҳоти Нофароҷ ҷамъбаст гардид.

# *ҶАВОНОН* - ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Раиси ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва КИМ ҲХДТ, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ тавассути усули "Ҳамсол бо ҳамсол" дар байни ҷавонон, тибқи нақша - чорабинии намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд аксия таҳти шиори "Ҷавонон - зидди экстремизм ва терроризм" баргузор гардид.**

Дар доираи аксияи мазкур бо роҳнамоии намояндагони ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, қади роҳҳо, хатсайрҳо ва бозорҳои ҳудуди ноҳия варақаҳо таҳти шиори "Мо ҷавонон - зидди экстремизм ва терроризм" дастраси мардум гардонида шуд.

Сароғоз меҳмонони даъватшуда аз коргоҳи адрасбофӣ ва қолинбофии назди КИИ минтақаи Ёва, ки таҳти сарпарастии аъзои фаъоли ҳизб, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоятӣ ва ноҳиявӣ Ҷаҳонгир Ҷабборов омода гардидааст, дидан намуданд. Қайд кардан зарур аст, ки дар коргоҳи мазкур беш аз 36 нафар занон бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Сипас дар тӯйхонаи "Амир" - и ҷамоати деҳоти Ёва мизи мудаввар баргузор гардид. Ба чорабинӣ аъзои намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан", донишҷӯён, хонандагони синфҳои болоии мактабӣ даъват шуда буданд. Ҳамчунин коршиносону устодон ва намояндагони ниҳодҳои дахлдор низ иштирок доштанд.



Сараввал М.Мирпоччоева, раиси КИМ ҲХДТ ҳозиринро хайрамақдам гуфта, бо мазмуну мӯҳтавои мизи мудаввар шинос намуд. Сипас, ӯ риштаи суханро ба Шокирхоҷа Усмонов, имомхатиби масҷиди ҷомеи Бурхи Сармасти Валии ҷамоати деҳоти Ёва дод. Мавсуф дар мавзӯи "Нигоҳи ислом ба экстремизм ва терроризм" баромад кард. Ӯ қайд кард, ки ин амалҳои номатлубе, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, аз Ислом набуда, амалҳои онҳо гуноҳи кабира мебошанд. Баъдан Исломҷон Раҳимов, устоди ДДҲБСТ, дар мавзӯи "Нақши ВАО дар тарғибу ташвиқи ақидаҳои экстремистӣ" баромад намуда, роҳҳову усулҳои истифодаи ВАО- ро аз тарафи гурӯҳҳои террористӣ шарҳ дод.

Дар поёнии чорабинии мазкур баҳри дарёфти "Ҷоми Созандагони Ватан" дар варзишгоҳи Фурудгоҳи байналмиллалии Хуҷанд мусобиқаи футбол баргузор гардид.

**Бо дастури Президенти мамлакат, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон расондани ёриҳои моддию маънавӣ аз ҷониби комиҷроияҳои ҳизбӣ ба зарардидаҳои офати табиӣ дар навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва минтақаи Рашт идома дорад.**

# ҶИРГАТОЛ ДАР МИНТАҚА ПЕШСАФ АСТ

Аз ҷумла раиси кумитаи иҷроияи ҳизб дар ноҳияи Ҷиргатол Насиба Ғафурова иттилоъ дод, ки ҳамоно баъди ҷаласаи Ҳукумати ҷумҳурӣ раиси ноҳия Умедхоҷаи Зоир бо мақомоти дахлдор ва фаъолони ноҳия машварати корӣ ороста, имкониятҳои расондани кӯмакҳоро ба осебдидаҳои селу обхезӣ баррасӣ намуд. Бисёре аз ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳои қаламрави ноҳия ҷиҳати расондани ёриҳо омодагии худро изҳор доштанд.

Бо ин мақсад кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия аз нахустинҳо шуда, дар мавриди таҳия ва фиристодани ду мошини КамАЗ бор маводи ниёзи аввал барои зарардидаҳои сел дар ноҳияи Рашт фаъолона иштирок намуданд.

Самти дигари фаъолияти ҳизбиёни мо дар айни замон ташкили муваффақонаи маъракаи обуна ба нашрияи марказии ҳизб-"Минбари халқ" мебошад, мегӯяд, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳия Н. Ғафурова. То ҳоло ҳизбиён ва ҷонибдорони мо қариб ба 300 нусха рӯзномаи "Минбари халқ" обуна шуданд. Раисони ташкилотҳои ибтидоӣ, фаъолон, соҳибкорон ва масъулини ТҶҶ "Созандагони Ватан" ба маъракаи обуна вусъати тоза бахшида истодаанд. Бовар дорам, ки теъдоди обуначиён аз 320 нафар ҳам мегузарад, зеро ки мазмуну мӯҳтавои нашрия хеле хуб шудааст, афзуд раиси комиҷроия Н.Ғафурова.

**У. СОЛЕҲ, сухангӯи ҲХДТ**

# *СУҒД:* ДАСТГИРИИ ОИЛАҲОИ НИЁЗМАНД

**Дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд маҷлиси кумитаи тадорукот доир гардид.**

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят Анвар Ҷалилов ифтитоҳ намуда, иштирокчиёнро бо барномаи баргузории аксияи "Мактаб-даргоҳи маърифат", ки аз санаи 10 то 31 августи соли ҷорӣ дар қаламрави вилоят доир мегардад, шинос намуд.

Зикр карда шуд, ки баҳри амалӣ намудани Барномаи ҲХДТ, дастгирии оилаҳои ниёзманд ва ба ин васила баланд бардоштани обрӯю нуфузи ҲХДТ бояд аксияи мазкур дар сатҳи баланд гузаронида шавад. Раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муваззаф гардиданд, ки рӯйхати оилаҳои ниёзманд ва камбизоатро тартиб дода, бо ҷалби вакилони халқ дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо, сарпарастон ва саховатмандон аёдати оилаҳои камбизоатро бо дастрасии лавозимоти хониш ва либосҳои мактабӣ ба роҳ монанд.

Ҳамчунин ба раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят супориш дода шуд, ки аксияи мазкурро дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ ба роҳ монда, маълумотро оид ба баргузории аксия ба унвони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд пешниҳод намоянд. Ҳамзамон зикр гардид, ки дар доираи баргузории аксия ташкили вохӯриву мулоқотҳо ҷиҳати фарогирии духтарон ба таҳсилоти зинаи сеюми хониш гузаронида шавад ва бо муҳассилини МТМУ оид ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳарактҳои ифротгаро ва терроризму экстремизм суҳбату мулоқотҳои судманд доир карда шавад.

**И. ТОҲИР**

**Пушти пардаи сиёсат**

# АНГЛИСҲО БО ЛИБОСИ ДИИШ ДАР СУРИЯ

**Рӯзномаи англисии "Сандей экспресс" дар гузорише иддао карда, ки низомиёни махсуси қувваҳои ҳавоии Англия (SAS) дар ҳоле ки либоси нерӯҳои ДИИШ-ро ба тан доранд, ба мавзеъҳои нерӯҳои давлатии Сурия ҳамла мекунанд.**

Хабаргузории Форс дар гузорише ба нақл аз ин рӯзнома афзудааст, ки беш аз 120 нафар аз ҳайати полки махсуси нерӯҳои ҳавоии Англия ҳам акнун дар Сурия ҳастанд ва бо пӯшидани либосҳои мулкӣ ва бо парчамҳои ДИИШ таҳти ливои набарди зидди ин гурӯҳ дар воқеъ дар амалиёте ба номи "Соязан" зидди Башор Асад меҷанганд.



Бинобар ин гузориш, эҳтимолан нерӯҳои вижаи Америка ва CIA (Идораи Маркази Ҷосусии ин кишвар, ки бо номи ЦРУ машҳур аст) низ бо ҳамин сабк вориди ҷанги зидди қувваҳои давлатии Сурия шудаанд.

Дар гузориш таъкид шудааст: Чунин мавриди мушобеҳ ҳангоми набарди Америка (дар замони раёсати Обама) зидди Либия низ мушоҳида шуда буд. Он замон садҳо низомии махсуси англис ва мутаалиқ ба ҳанги (полки) вижаи нерӯҳои дарёии ин кишвар низ дар Либия вориди амал шуданд.

Ин хабаргузорӣ ҳамчунин бо такя ба "Сандей экспресс" дар идомаи матлаби худ таъкид намуда, ки беш аз 250 нерӯи вижаи Англия ва шояд Америка ҳам саргарми расондани кӯумакҳои иртиботӣ ба нерӯҳои худ дар Сурия ҳастанд.

Дар ҳамин ҳол Майкл Фаллон вазири мудофиаи Англия чанде қабл дар ин бора гуфта буд: - Қобилиятҳои омӯзишӣ ва назоратии мо инак дар ихтиёри дигар кишварҳо барои ҳамла ба Сурия қарор дорад.

Гуфта мешавад, нерӯҳои махсуси ҳавоии Англия дар Арабистони Саудӣ ба қувваҳои дар ҳоли мубориза бо Башор Асад Раисҷумҳури қонунии Сурия омӯзиш медиҳанд ва албатта нерӯҳои америкоӣ низ дар Урдун, Туркия, Қатар ва шояд дар Исроил ба чунин коре ҷасорат менамоянд.

*Таҳияи* **Ю.СОЛЕҲ**

**Мақоми зан дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва давоми ду ё се насли гузашта якранг ва дар як сатҳ набуд. Мисол, агар дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон занон тадриҷан ҳуқуқҳои баробар бо мардонро ба даст оварда бошанд, дар баъзе минтақаҳо, баръакс, занҳо ё ҳуқуқҳои худро аз даст дода истодаанд ва ё тамоман ҳуқуқ надоранд.**

# МАҚОМИ ЗАНРО ДАР ҶОМЕА ҲИФЗ КУНЕМ



**АЛБАТТА,** дар ҳар як ҷомеа қолабҳои гуногуни муносибати зану мард вуҷуд доранд, ки асрҳо аз насл ба насл гузаштаанд. Аз кӯдакӣ қолабҳо ба инсон таъсир мегузоранд, ҳоло кӯдак худаш чӣ будани моҳияти зан ва мардро намедонад, вале баъзан нодуруст дар зери таъсири ин қолабҳо мемонад. Новобаста аз хусусиятҳои фардӣ, синнусол, ҷинсият тасаввуроти қолабӣ нисбати зану мард асрҳо боқӣ мондааст. Инчунин қолабҳо вобаста ба миллат, дин, шароити таърихӣ, сиёсӣ ва ҷойгиршавии географию минтақавӣ фарқ мекунанд. Мисол, дар дини насронӣ зан сарчашмаи макру фиреб ва ҳамаи бадбахтиҳои мард ҳисобида мешуд. То пайдоиши Ислом дар нимҷазираи Арабистон кӯдакони навзодро, агар ҷинси зан бошад, мегӯронданд ва монанди инҳо. Чунин мисолҳо дар тамоми дунё хеле зиёд буданд. Баъди аз даст додани модаршоҳӣ чунин нобаробариҳо нисбати зан авҷ гирифта буд. Ин қолабҳо на фақат ба хусусиятҳои шахсии зану мард таъсир мерасонанд, балки рафтору кирдори онҳоро дар ҷомеа муайян мекунанд. Имрӯз мақоми зан ва мард дар ҷомеа яке аз масъалаҳои мураккабу гуногунҷабҳа мебошад, вале бояд муайян шавад, ки мақоми имрӯзаи зан дар ҷомеа аз гузашта чӣ фарқ мекунад, зери мафҳуми "ҷинс" чӣ дар назар дошта мешавад, "зан" ин кист? Ба ин монанд саволҳое ҷой доранд, ки омӯхтани онҳо мубрам мебошад.

Имрӯз мақоми зан дар ҷомеаи тоҷик, имкониятҳои ӯ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш номутаносиб мебошад. Худи дарки ин масоил аз тарафи занҳо ба таври гуногун аст. Зани тоҷик дар давоми инкишофи ҷомеа таъсири фарҳанги гуногунро аз сар гузаронид. Ӯ аз дигар занҳои минтақа ва ё ҳамфарҳанг фарқ мекунад. Ин ҷиҳат ба зани имрӯзаи тоҷик ҳам таъсири мусбат мерасонад ва ҳам таъсири манфӣ. Ҷои тазаккур аст, ки ҳар як насл бояд арзишҳоеро ҳамчун мероси фарҳангӣ қабул намояд, ки ҳам барои нигоҳдории фарҳангу миллат равона шавад ва ҳам ба пешрафти миллат халал нарасонад. Нисбати занҳои ҳамфарҳангу ҳамзабонамон - Эрону Афғонистон мо тарбияи дунявии шӯравиро дорем, нисбати занҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ мо фарҳанги бою ҳазорсолаи худро нигоҳ доштем. Зани тоҷик таҷассумгари фарҳанги ориёӣ, исломӣ ва шуравӣ мебошад. Имрӯз вазифаи мо ҳамин аст, ки тамоми арзишҳои неки фарҳанги гузаштаро нигоҳ дошта, аз он зуҳуроте, ки зани тоҷикро ба қафомондагӣ ва ё ба беномусӣ мерасонад, даст кашем. Агар мудохилаи саривақтии давлати имрӯзаи тоҷик намешуд, баъд аз пошхӯрии Давлати Шуравӣ, бо шикастани қолабҳои идеологӣ мо аз он пешравиҳое, ки дар ин давра зани тоҷик ба даст овард, ба монанди маҳви бесаводӣ, соҳиби маълумоти олӣ ва касб шудан, шикастани баъзе қолабҳо аз қабили нобаробарии зану мард дар гирифтани маълумоти касбӣ, ишғоли мақоми роҳбарикунанда, интихоби ҳамсар ва монанди инро низ аз даст медодем. Албатта камбудиҳо дар давраи шуравӣ буданд, лекин аз даст додани асосҳое, ки барои инкишофи худшиносии зан мусоидат менамуданд, куллан як фоҷеа мешуд. Хушбахтона, сиёсати давлати мо барои он равона шудааст, ки мақому манзалати зани тоҷик дар ҷомеа ҷои худро нигоҳ дорад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо санадҳои меъёрие, ки дар давраи Истиқлол қабул шудаанд, мисоли равшан мебошанд. Санадҳои:

- Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо (аз 1.03.05с, №89);
- Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015;
- Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 - 2016;
- Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа;

милоли ин гуфтаҳоянд.

*Имрӯз, ки шароит барои зан мусоидат мекунад, барои чӣ мо аз ҳуқуқҳои худ истифода набарем? Баробарҳуқуқ будан танҳо мафҳуми онро надорад, ки зан фақат ҳуқуқҳои худашро донаду ҳуқуқҳои дигаронро поймол кунад. Ҳуқуқ на фақат ба ибодат, балки бояд ҳуқуқ ба кору касбомӯзӣ, донишандӯзӣ низ дар назар дошта шуда бошад.*

Ин санадҳо барои таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, тақвияти мақоми иҷтимоии зан ва солим гардонидани генофонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат равона шудааст.

Худи пайдоиши чунин санадҳо далели онанд, ки аксар ҳуқуқҳои занҳо поймол мешаванд ва давлат барои бартараф намудани ин камбудӣ тадбирҳо меандешад. Омилҳои вайроншавии ҳуқуқи зан боқӣ мондани қолабҳои анъанавию динӣ; надонистани ҳуқуқҳои худ; паст будани сатҳи маърифати мардҳо ва занон; шароити демографӣ; ва шароити иҷтимоӣ мебошад. Ин ҳама омилҳо сабаби он мегарданд, ки аксар вақт худи занҳо барои ҳуқуқи худашон як ҳолати бетарафиро мегиранд. Рафъи ин бетарафӣ танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар маърифати занҳо баланд бошад. Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки занҳои мо мехоҳанд проблемаи онҳоро давлат ҳал кунад, гӯё худашонро бад кардан намехоҳанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқвайронкуние, ки нисбати чунин занон ба амал меояд, пурра аз байн бурда намешавад.

Умуман ба мавқеи зани имрӯзаи тоҷик баҳои якхела додан ғайриимкон аст. Яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо низ дар гуногунҷабҳа будани мақому мавқеи зан дар ҷомеа мебошад. Буҳрони инқилобиеро, ки Маркс нисбат ба ҷомеа баён намудааст, ба вазъи баъзе оилаҳо шабоҳат додан мумкин аст - баъзан мардҳо монанди пештара занҳоро идора ва таъмин карда наметавонанд, дар навбати худ занҳо монанди пеш итоат кардан намехоҳанд. Албатта ин падидаи хуб нест. Мо тарафдори инқилоби занҳо нестем, дар ҳама гуна ҳолат бояд меъёр бошад. Меъёр вайрон шавад, сифату шакл низ тағйир меёбад. Ҷомеаи мо ҷомеаи суннатӣ мебошад ва онро сифатану шаклан тағйир додан ба мақсад мувофиқ нест. Он ақидае, ки маорифпарвари асри 18 Шарл Жозеф де Лин мегӯяд, ки "Мардҳо қонунҳо меофаранд, занҳо ахлоқ", имрӯз моҳиятан тағйир ёфтааст, "Занҳо имкони ҳам қонун офаридан ва ҳам ахлоқ офариданро доранд", фақат мардҳо ва худи занҳо имрӯз бояд инро қабул намоянд. Мисолҳои фаровон овардан мумкин, масалан ҳайати Парламенти имрӯзаи Тоҷикистон (12 зан), ҳайати олимони тоҷик (2 академик, сафи зиёди доктороину номзадҳо аз ҳисоби занон), интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо (қариб дар тамоми сохторҳои давлатӣ занҳо дар мақомоти роҳбарикунанда мебошанд), ва монанди инҳо.

Он барномаҳое, ки дар боло зикр намудем, танҳо дар ҳолате таъсиргузор хоҳанд буд, ки узви ҷомеа - марду зан онро на фақат барои ҳалли мушкили худ истифода баранд, балки моҳияти онҳоро дарк намуда, баробарии иҷтимоии зану мардро бе ягон шубҳа қабул намоянд, дар навбати худ занҳо бояд моҳияти тамаддунию физиологии худро фаромӯш накунанд. Боз инро бояд зикр намоем, ки ҷомеаи тоҷик доимо иффати занро бештар мепазирад. Шояд баъзе занҳо ба ин розӣ нашаванд, лекин ба ақидаи мо зани тоҷик метавонад моҳияти ҷонфидо, меҳрубон, ботаҳаммул бошад, ҳалимиашро нигоҳ дорад, нагузорад ҳуқуқҳояш поймол шавад ва ҳамзамон ҳамқадами замона бошад. Таърихи даврони шӯравӣ исботи он шуда метавонад. Ҳамаи мо модарону модаркалонҳои худро дар ёд дорем, онҳо дар тамоми соҳаҳои ҷомеа фаъол буданд, аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои худ сарбаландона мебаромаданд, дар хона кадбонуи беҳтарин, модари меҳрубон, чӣ дар хона ва чӣ дар ҷомеа зани боиффату боимон буданд. Имрӯз, ки шароит барои зан мусоидат мекунад, барои чӣ мо аз ҳуқуқҳои худ истифода набарем? Баробарҳуқуқ будан танҳо мафҳуми онро надорад, ки зан фақат ҳуқуқҳои худашро донаду ҳуқуқҳои дигаронро поймол кунад. Ҳуқуқ на фақат ба ибодат, балки бояд ҳуқуқ ба кору касбомӯзӣ, донишандӯзӣ низ дар назар дошта шуда бошад.

Чун имрӯз дар ҷаҳони муосир равандҳои хатарноке пайдо шудаанд, ки ба нестии миллат оварда мерасонанд ва ба якпорчагию амнияти давлат таҳдид доранд, аз мақоми суннатии зан - модар истифода бурда, иштироки занро дар тарбияи насли наврас хирадмандона истифода бояд кард. Дар гузаштаи халқи мо занҳое буданд, ки новобаста аз маълумот доштан ва ё надоштанашон, кӯшиш менамуданд, ки барои соҳибмаълумот будани фарзандонашон ҷидду ҷаҳд намоянд. Бо ташаббуси занҳо барои духтарон мактабҳо ташкил шуда буданд, ки дар асарҳои Ҷалол Икромӣ ва Садриддин Айнӣ дар ин бора баён шудааст. Имрӯз, ки миқдори занони соҳибмаърифат дар ҷомеаи мо зиёд мебошад, аз он бояд фаровон истифода бурда, дар бораи зиёд намудани сафи он тадбирҳо андешем ва барои амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ худи мо занон фаъол бошем.

**Хайриннисо ЮСУФӢ,**
**Насиба СОДИҚОВА**

# САМӢ АБДУАЛИЕВ:
# ДЕҲҚОНИРО АЗ ТОҶИКОН ОМӮХТЕМ



**Бархе аз нерухои кинахоҳ миёни сокинони деҳоти мардуми Тоҷикистону Қирғизистон тухми кина мекоранд. Бо назардошти ин зарур аст, ки дар маҳалҳои наздисарҳадӣ бо ташкили суҳбату мулоқот анъанаҳои дӯстиву рафоқат ва ҳамсоягӣ устувортар гардонида шавад. Чунин як мулоқоти самимӣ чанде пеш дар ноҳияи Лайлаки ҷумҳурии ҳамсоя доир гардид, ки тафсилоташ дар зер оварда мешавад.**

Душанбеи сипаришуда бо мақсади суҳбат бо ходими давлатию ҷамъиятии Қирғизистон, собиқ котиби якуми партияи коммунистии ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон, депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Қирғизистон, дар солҳои 1980-1995, Карим Тошболтаев ба деҳаи Қулундии ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон сафар кардем. Дар ин сафар дотсенти ДДХ Рустамҷон Юлдошев ва фарзанди ходими давлатию ҷамъиятӣ Рифъат Хоҷиев ҳамроҳи ман буданд. Моро раиси авули (деҳаи) Қулундӣ Самӣ Абдуалиев ҳамроҳӣ мекард.

Аз ташрифи ҳамсоягон соҳибхона шоду мамнун гардида, сари дастурхон ёди рӯзҳои гузашта мекард.

-Деҳаи мо чандин таърихи дароз надорад. Ҳамагӣ 54 сол аз рӯзи таъсисёбиаш раиси авул аст. Худи номи деҳа аз ибораи "қул ӯлдӣ" (ғулом мурд) пайдо шудааст. Бино ба нақли мӯйсафедон, ин макон ба як шахси сарватманд тааллуқ дошт, ки ғуломонаш дар натиҷаи бераҳмона кор фармуданаш ҳалок гардидаанд. Аз ин пас то солҳои 50-ум ин ҷо дашти бегиёҳ, маконы мӯру малах ва хазандагон буд. Солҳои 50-ум канали асосии ноҳияро дар асоси қарори Ҳукумати умумииттифоқӣ кофта як-як одамонро аз дигар минтақа ин ҷо мекӯчонанд.

Як чизро гуфтан мусаллам медонам, ки ба сарсабзу хуррам шудани деҳа саҳми мардуми тоҷик- бошандагони деҳаи Овчиқалъачаи ноҳияи Б.Ғафуров басо калон аст. Иқрор мешавем, ки мо мардуми кӯчманчӣ будему рӯзгорамонро аз паи чорводорӣ мегузаронидем. Зироаткориро намедонистем. Ба мо деҳқониро тоҷикон омӯхтанд. Дар натиҷа, дере нагузашта деҳаи мо ба яке аз минтақаҳои гул-гулшукуфони диёр табдил ёфт. Хуб дар хотир дорам, ки соли 1983 колхози мо дар соҳаи пахтакорӣ муваффақияти калон ба даст овард. Ба хирмани ноҳия 3000 тонна "тиллои сафед"-и колхозчиёни мо рехта шуд. Барои ин дастовард раиси колхозамон Карим Тошболтаев бо ордени "Нишони фахрӣ" сарфароз гардонида шуд.

Имрӯз дар ин деҳа 24 ҳазор нафар мардуми қирғиз мутобиқ ба шароити иқтисоди бозаргонӣ умр ба сар мебаранд. 7 мактаб, 1 китобхонаву музейи кишваршиносӣ, бозори замонавӣ, даҳҳо нуқтаҳои савдою хӯроки умумӣ амал мекунанд. Ин ҳама ба шарофати ҳамон дастгириву бародарии халқи ба мо ҳамсояву дӯст-тоҷик аст, ки мо инро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Тавре аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ маълум аст, ноҳия ва ҳамзамон деҳаи мо Қулундӣ аз маркази маъмурии вилоят басо дур ҷойгир шуда, бисёр ҳоҷати худро мо аз ҳисоби бозорҳову нуқтаҳои хизматрасонии ҳамсоя, яъне ноҳияи Б.Ғафуров ва шаҳри Хуҷанд мебарорем. Хусусан, бозорҳои мо аз ҳисоби маҳсулоти ҳамсоягони кишоварзӣ ва ҷӣ саноатӣ ҳамеша пур аст. Барои табобат низ аз беморхонаву бунгоҳҳои тиббии тоҷикон бемалол истифода мебарем. Як ҳарфи миннат нашунидаем, ки барои ин гуна дастгириҳо сипосгузорем.

Дар ҳамин маврид бояд тазаккур дод, ки он ҷӣ баъзе нофаҳмиҳо байни сокинони алоҳидаи ҳарду ҷумҳурӣ ба сар меза над, кори душманони мост, ки дӯстиву ваҳдати халқҳои тоҷику қирғизро чашми дидан надоранд. Аммо, дар урфият мегӯянд: халқ гавҳаршинос аст ва сиёҳу сафедро аз ҳам хуб фарқ мекунад. Ваҳдату ҳамдилии халқҳоямон поянда ва он сол аз сол мустаҳкам хоҳад шуд. Зеро, роҳбарони ду давлат Тоҷикистон дар симои Президенти Шумо, Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти ҷумҳурии мо Алмазбек Атамбаев кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Мо ба таҳкими дӯстиву рафоқати халқҳоямон боварии комил дорем.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
*мухбири махсуси "Минбари халқ" дар вилояти Суғд*

**Дасти ёрӣ**

# ИСТИРОҲАТИ КӮДАКОНИ НАВОҲИИ ОСЕБДИДА ТАЪМИН МЕШАВАД

**ОФАТИ** табиие, ки дар Бадахшону водии Рашт рух дод, кулли мардуми ҷумҳуриро бетараф нагузошт.



Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд низ тибқи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат як қатор чораҳоро андешид. Аз ҷумла, имрӯзҳо дар урдугоҳи "20-солагии истиқлолияти Тоҷикистон" воқеъ дар ноҳияи ба номи Ҷ.Расулов 156 нафар хонандагони мактабҳои Бадахшону Рашт истироҳат доранд.

-Урдугоҳ барои 320 кат буда, ҳар даври истироҳат 10 рӯз муқаррар шудааст,- гуфт зимни суҳбат ба мо сардори урдугоҳ барандаи Ифтихорномаи Президенти кишвар Бахтиёр Ашӯрматов,- лекин бачагоне, ки аз минтақаи офатзада омадаанд, то моҳи декабри соли равон боқӣ хоҳанд монд. Оғоз аз моҳи сентябр таҳсилашонро низ дар лагер ташкил хоҳем кард.

Ба истироҳаткунандагон 4 вақт хӯрок дода, 18 нафар мураббияҳо дар 6 маҳфил машғулиятҳои гуногун мегузаронанд. Сатҳу сифати ташкили истироҳатро дар лагер мо аз масъулини Раёсати маорифу хонандагон пурсон шудем.

-Роҳбарияти вилояти Суғд дар симои раиси он Абдураҳмон Қодирӣ воқеан ҳам олиҳимматӣ зоҳир карданд ва ин амалашон на танҳо хайру савоб, балки ба мустаҳкамшавии дӯстии мардуми ду минтақа мусоидат мекунад,- гуфт мутахассиси Раёсати маорифи вилояти Бадахшон Шоназарбек Мамадназарбеков,- сокинони офатзадаро дар лаҳзаҳои душвор танҳо нагузоштанд.

Хонандаи синфҳои 7-ум аз деҳаи Барсеймии ноҳияи Шуғнон Қурбонбегим Чоршанбиева ва Шафоҳат Султонсалимшоева барobари истироҳат дар ин ҷо ҳунари адрасбофиро меомӯзанд:

-Ташаккур барои шароити хуби истироҳат,- гуфтанд онҳо,- ҳамзамон раҳмат ба роҳбарияти лагер, ки мо дар маҳфили адрасбофӣ иштирок карда, ин ҳунари аҷдодиро меомӯзем.

Заррина Хушназарова ва Парвиз Шокаримов бошанд, сипоси худро барои дастгириҳо чунин баён доштанд:

-Бо вуҷуди дур аз диёри хеш будан бо ғамхории ҳаматарафа фаро гирифта шудаем ва танҳоиро эҳсос намекунем.

Бузургон мегӯянд: дар дили инсон аз одамон як бадӣ мемонаду як некӣ. Дастгирие, ки имрӯз аз ҷониби мардуми вилояти Суғд нисбати бошандагони офатзадаи минтақаҳои Рашту Бадахшон зоҳир мешавад, дар дили ин мардуми азиятдида абадӣ боқӣ хоҳад монд.

**«МХ»**

**Номаи хонанда**

# Роҳи Кӯҳистони Мастчоҳ коршоям аст?

**Тобистони имсол бар асари селфарой якчанд минтақаҳои кишвар зарар диданд. Хонаҳои зиёди истиқоматӣ хароб гардиданд ва ҳатто чанд нафар сокини ВМКБ ба ҳалокат расид. Хушбахтона, имрӯз ба зарардидагони сел Ҳукумати мамлакат ва дигар ниҳодҳои давлатӣ кӯмак расонида истодаанд.**

**Бояд гуфт, ки ин ҳодиса ба баъзе нуқтаҳои ноҳияи Айнӣ низ зарари худро расонд. Ҳоло роҳи байни деҳаҳои Рарз ва Похути ин ноҳия, ки дар болооби дарёи Зарафшон қарор дорад, зери об мондааст. Муддатест, ки мошинҳо аз ин роҳ гузашта наметавонанд. Дар сурати гузаштани мошинҳои борқаш хавфи ба дарё афтодани онҳо вуҷуд дорад. Ин ҳодиса боис шудааст, ки равуои мошинҳо дар ин роҳ қатъ гардад.**

**Ҳоло чанд муддат аст, ки бо ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва деҳаҳои ҳамсоя ҳамлу нақл, додугирифт ва иртибот қатъ шудааст. Маълум аст, ки ин ба вазъи зиндагии мардуми деҳоти болооби Зарафшон бе таъсир намемонад. Картошка ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳамеша аз ноҳияи Мастчоҳ ба ин деҳот оварда мешуданд, ҳоло ба мардум намерасанд.**

**Ин масъала сокинони деҳоти болооби Зарафшонро ба ташвиш овардааст. Хуб мешуд, ки масъулони ниҳодҳои болотар ҷиҳати ҳалли он кӯмак мекарданд.**

**Боқимаҳмад БОҚИЕВ, н.Айнӣ**



## *ФИДЕЛ КАСТРО* АЗ АМЕРИКА МИЛЛИОНҲО ДОЛЛАР ҶУБРОН ТАЛАБ НАМУД

**Сарвари Инқилоби Куба иброз намуд, ки ИМА аз Куба "миллионҳо доллар" барои зарари расонида дар натиҷаи таҳримҳои ҷоринамудааш қарздор мебошад. Дар ин бора ӯ дар мақолааш зикр намуд, ки дар ВАО-и Куба рӯзи ҷашни 89 солагиаш санаи 13 август дарҷ гардид, хабар медиҳад Associated Press.**



**БИНО** ба иттилои ТАСС, Кастро қайд намуд, ки кишвараш "ҳеҷ гоҳ мубbooризаашро" баҳри сулҳ ва осудагии тамоми сокинони олам новобаста аз ранги пӯст ва эътиқодот қатъ нахоҳад кард". Ғайр аз ин, ӯ ба тамоми шаҳрвандон "баробарҳуқуқиро дар самти дастрасӣ ба тиб, маълумот, меҳнат, озуқа, фарҳанг, илм ва осудаҳолӣ" таманно намуд.

Хотиррасон менамоем, ки ИМА ва Куба гуфтушунидҳои паси дарҳои пӯшидаро дар самти барқарорсозии муносиботи дипломатӣ миёнаи соли 2013 оғоз намуда буданд. Обама ва Кастро нияти роҳандозии ин амалро 17 декабри соли 2014 тасдиқ намуда, баъдан дар Гавана ва Вашингтон якчанд вохӯриҳо сари ин масъала доир гардиданд. Ба ҳайси яке аз тасмимоти барқарорсозии муносибот Барак Обама раванди лағв сохтани Куба аз рӯихати америкоии кишварҳои ҳомии терроризмро оғоз бахшид.

Баъди оне, ки соли 1959 дар Куба инқилоб ба вуқӯъ пайваст ва шӯришчиён бо сарварии Фидел Кастро сари қудрат омаданд, ИМА соли 1960 алайҳи кишвар таҳримоти иқтисодӣ ҷорӣ намуда, соли 1961 муносиботи дипломатиро бо ин давлати қатъ намуд.



## *ТЯНТЗИН:* ТАРКИШҲО ИДОМА ДОРАНД

**ТАРКИШИ** навбатӣ субҳи душанбе боз дар амборе, ки дар он маводи хатарноки кимиёвӣ нигоҳ дошта мешуд, дар шаҳри саноатии бандарии Тянтзини Чин ба амал омад, хабар медиҳад шабакаи CCTV. Бино ба иттилои ин шабакаи чинӣ, таркиш 17 август, соати 7 субҳ рух дод, ки баъди он алангаи оташ ва дуди сафед пайдо шудааст. Хотиррасон менамоем, ки садамаи техногенӣ чоршанбеи гузашта дар шаҳри Тянтзин ба амал омада буд. Қувваи таркишҳо он қадар бузург буд, ки онро хадамоти маҳаллии зилзиласанҷии маҳаллӣ ба қайд гирифт ва иқтидори он 21 тонна бо нишондоди тротилӣ будааст.Тибқи маълумоти охирин, дар натиҷаи ин садама 112 нафар ҳалок гардида, 95 нафар, аз ин шумор 85 нафар сӯхторхомӯшкунон бе ному нишон маҳсуб мегарданд. 722 нафар, аз ҷумла 58 нафар дар ҳолати вазнин дар беморхонаҳо қарор доранд. Баъди таркиши вазнин, ки рӯзи чоршанбе рух дода буд, пайваста таркишҳои нав ба нав ба амал меоянд.

## *ҶАНГИЁНИ ДИИШ* АЗ СИЛОҲИ КИМИЁВӢ ИСТИФОДА БУРДАНД

**АЪЗОИ** гурӯҳи террористии ба ном "Давлати Исломӣ" алайҳи ҷангиёни курд дар Ироқ силоҳи кимиёвиро ба кор бурданд. Чунин маълумотро ба шабакаи телевизионии CBS намояндаи Пентагон- ниҳоди ҳарбии Америка расонидааст. Пештар аз ин нашрияи интернетии Bild Online такя бар ҳуҷҷати махфии бундесвер- қувваҳои мусаллаҳи Германия хабар дод, ки ҷангиёни "Давлати Исломӣ" дар шимоли Ироқ бар алайҳи аъзои пешмарга (гурӯҳҳои мусаллаҳи курд) аз норинҷакҳои муҷаҳҳаз бо моддаҳои заҳролудкунандаи кимиёвӣ истифода бурданд. Ҳангоми ҳамла ба шаҳри Махмур, тибқи баъзе иттилоот, аз моддаи кимиёвии хлор истифода шудааст. Ҳамагӣ дар 60 километрии ин мавзеъ шаҳри Эрбил воқеъ гардидааст, ки айни замон ин ҷо 88 ҳарбиёни немис, ки ба омӯзиши ҷанговарони курд машғуланд, мустақар шудаанд. Тибқи маълумоти тасдиқнашуда, дар натиҷаи ин ҳамла 60 ҷангии курд маҷрӯҳ гардидаанд. Ин хабар боз як далели он аст, ки идеологияи ин гурӯҳи террористӣ инсонбадбинона буда, он душмани башарияти мутамаддин мебошад.



## *ПОКИСТОН:* ВАЗИР ЗИМНИ ИНФИҶОР ҲАЛОК ГАРДИД

**ВАЗИРИ** корҳои хориҷии дохилии музофоти Панҷоби Покистон Шуё Хонзода ва 14 нафа-ри дигар дар натиҷаи инфиҷоре, ки аз ҷониби як нафар террористи худкуш ба иҷро расонида шуд, ҳалок гардиданд. Ҳодиса рӯзи якшанбе дар манзили Хонзода, воқеъ дар минтақаи Атток, дар 100 километрии шимолу ғарби пойтахти кишвар- шаҳри Исломобод ба вуқӯъ пайваст. Бино ба гуфти шоҳидони воқеа, дар хонаи вазир 30 нафар аҳли байти ӯ ва меҳмононаш буданд, ҳангоме, ки ба манзил террористи худкуш даромада, маводи таркандаро ба кор андохт. Муҳофизони вазир садди роҳи ӯ шуда натавонистанд. Таркиш хонаро хароб кард, ки дар натиҷа даҳҳо одамон, аз ҷумла намояндагони пулис зери вайронаҳои он монданд. Тибқи иттилои ҳукуматдорон, вазири марҳум аз ҷониби гурӯҳи манъшудаи ҷангиёни суннимазҳаби "Лашкари ҷангӣ", ки бо ҳамлаҳои хунинбор алайҳи аққалияти шиамазҳаби кишвар маъруфият пайдо намудааст, борҳо зери таҳдид қарор гирифта буд. Охири моҳи июл қисмҳои зиддитеррористии пулис зимни як амалиёт дар Панҷоб сарвари гурӯҳи мазкур Малик Исҳоқро маҳв карданд. Хонзода ҷузъҳои ин амалиётро дар нишасти матбуотӣ дастраси омма карда буд. Марҳум алайҳи ҷангиёни ҳаракати "Толибон"-и покистонӣ ва гурӯҳи "Ал- Қойида" дар музофоти Панҷоб амалиётро сарварӣ мекард ва замони ахир дар ин самт хеле фаъол будааст. Ҳукуматдорон ба ин назаранд, ки ин инфиҷор қассоси гурӯҳҳои террористӣ барои ин фаъолияти вазири марҳум будааст.

## *РУСИЯВУ ЭРОН:* ДИЛГАРМӢ БАҲРИ ЧИСТ?

**САНАИ** 17 август ҳангоми сафари кории вазири умури хориҷии Эрон Муҳаммад Ҷавод Зариф ба Русия вохӯрии ӯ бо вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров доир гардид. Мавзӯи асосии ин боздид барномаи ҳастаии Эрон ва вазъи кунунии Сурия буд.



Солиёни ахир муносиботи ду кишвар рӯ ба гармӣ овардааст, чунки онҳо дар бисёр масоили байналмилалӣ диди тавъам доранд. Ҳам Маскав ва ҳам Теҳрон аз сиёсати хориҷии ИМА норозӣ буда, президенти Сурия Башор Асадро дар мубориза алайҳи гурӯҳҳои ифротгарои террористӣ дастгирӣ мекунанд. Созишномаи ҳастаӣ бо Эрон, ки тибқи он бояд таҳримоти иқтисодӣ аз сари кишвар лағв карда шаванд, барои Маскав имкониятни калонро дар самти фурӯши аслиҳоти зиддимушакӣ ва бастани созишномаҳои муфид дар ҷодаи энержии ҳастаии эронӣ бозкушоӣ хоҳад намуд. Ин вохӯрӣ дар фазои фаъолияти дипломатии Русия дар самти маҳдуд сохтани таъсири Америка дар Ховари Наздик ва ба уҳда гирифтани нақши миёнарави бонуфуз дар равандҳои сулҳофаринӣ аз ҷониби Федератсияи Русия сурат мегирад. Сешанбеи гузашта Сергей Лавров бо вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ Одил ал-Ҷубайр дар Маскав вохӯрӣ доир намуд. Пештар дар кишвари Қатар вохӯрии Лавров бо Котиби давлатии ИМА Ҷон Керри доир гардида буд, ки дар он тарафҳо масъалаи созмон додани эътилофи байналмилалиро алайҳи "Давлати исломӣ" баррасӣ намуданд. Аммо дар ин масъала миёни тарафҳо якдилӣ нест- чун агар Русияву Эрон Башор Асадро дастгирӣ кунанд, пас ИМА ва Арабистони Саудӣ мухолифи президенти Сурия ҳастанд.

**Таҳияи Азамат ДӮСТОВ**

# АКРАМ РӮЗИЗОДА: МАРДУМ АЗ АФЗАЛИЯТИ МАҲСУЛОТИ ВАТАНӢ КАМ ОГОҲӢ ДОРАНД

**Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ниҳодҳои муҳими кишвар ба шумор рафта, метавонад дар пешбурди иқтисодиёти кишвар нақши назаррас дошта бошад. Ҳафтаномаи "Минбари халқ" вобаста ба вазъи кунунии соҳаи саноат ва дурнамои рушди он бо Акрам Рӯзизода, муовини вазири он мусоҳибае анҷом дод, ки инак фишурдаи онро манзури хонанда мегардонем.**



**-Қаблан бигӯед, ки рушди саноат ва истеҳсолоти миллӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?**

-Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иқдоми дар паёми навбатии пешниҳоднамудаи Президенти кишварамон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати солҳои 2014-2020 эълон гардидани давраи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ва вазифаҳои худ чорабиниҳои нав илова намудааст.

Дар чорабиниҳои мазкур ҷалби бештари сармоягузорӣ ва дарёфт намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ бо мақсади ташаккул додани саноати миллии рақобатпазиру самаранок, таъсиси истеҳсолоти нав, навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмин намудани коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ҳадафҳои асосӣ муайян шудаанд.

Мувофиқи Нақшаи амал аз 28 феврали соли 2015 №108, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиткистон тасдиқ шудааст, дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 158 корхона ва коргоҳҳои нави истеҳсолӣ бо таъсиси 1652 ҷойи нави корӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Ва дарояндаи наздик низ дар доираи ин Нақшаи амал боз дар минтақаҳои мамлакат сохтани 301 корхонаву коргоҳҳо дар ҳамаи соҳаҳои саноат бо таъсиси 13702 ҷойи кор пешбинӣ гардидааст.

Ҷиҳати такмили раванди сиёсати инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ 16-17-уми июни соли равон Конференсияи байналмилалӣ "Иҷлосияи 7-уми Гурӯҳи кории СПЕКА (Барномаи махсуси Созмони Миллали Муттахид барои давлатҳои Осиёи Марказӣ) оид ба рушди саноат " зери роҳбарии Шавкат Бобозода, Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори Конференсия намояндагони 8 давлат, аз ҷумла Қазоқистон, Афғонистон, Покистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Қирғизистон ва Шветсия инчунин гурӯҳи мутахассисони СММ зиёда аз 11 нафар, намояндагони дигар ташкилоти ЭСКАТО, СПЕКА, намояндагони ширкату ташкилотҳои байналмилалӣ ва намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ иштирок доштанд.

Технологияҳои нави воридгардида асосан аз давлатҳои Хитой, Италия, Русия, Эрон ва Белгия буда, афзалият барои кам кардани хароҷоти истифодаи энергияи барқ, сӯзишворӣ, истифодаи оби технологӣ, энергияи гармӣ ва воситаҳои хунуккунӣ дар раванди технологӣ ва дар ин замина зиёд намудани маҳсулнокии меҳнат ва паст кардани арзиши аслии маҳсулот истифода бурда мешавад. Яке аз ин корхонаҳо корхонаи "Корвони аср"-и ноҳияи Ҳисор ба шумор меравад, ки самти истеҳсолотро бо истифода аз роботҳои худкор ба роҳ монда, истеҳсоли хиштро ба иқтидори 45,0 миллион дона дар як сол сохта ба истифода медиҳад. Бо зиёд шудани корхонаҳои хиштбарори арзиши аслии он дар бозори дохилӣ поён рафта аз 1 сомонӣ ба 0,35-0,40 сомонӣ арзон гардидааст. Дар ҷумҳурӣ 108 корхонаи истеҳсоли хишти сохтмонӣ мавҷуд буда, дар ҳафт моҳи соли 2015 ба миқдори 80,9 миллион дона хишт истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6 миллион дона зиёд мебошад.

Яке аз лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок ва калонҳаҷм ин бунёди корхонаи муосири истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртии "Кока-Кола нӯшокиҳои Тоҷикистон" дар шаҳри Душанбе бо сармоягузории ширкати "Кока-Кола Ичечек А.С."-и Ҷумҳурии Туркия бо сармояи 46 миллион доллари ИМА ба ҳисоб меравад. Иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур ба истеҳсоли 100 миллион литр нӯшокиҳо дар як сол баробар буда, дар он 117 нафар бо ҷойи кор таъмин шудаанд. Раванди бунёди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ идома дошта, дар доираи Нақшаи амал соли 2015 бунёди 109 корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ бо таъсиси 2756 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ гардидааст, ки татбиқи амалии он, ба афзун гардидани ҳиссаи маҳсулоти ғизоии саноати ватанӣ дар таъминоти аҳолӣ ва содироти маҳсулот мусоидат хоҳад кард.

**-Феълан дар ҷумҳурӣ чӣ қадар корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд?**

-Аз рӯи маълумоти оморӣ айни замон дар ҷумҳурӣ 1905 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад, ки аз инҳо1252 корхонаҳои калон ва 653 корхонаҳои хурд мебошанд.

**- Чанде пеш як масъули Вазорати саноат ва технологияҳои нав ба таври расмӣ элон карда буд, ки дар ҷумҳурӣ зиёда аз 300 корхона аз фаъолият боз мондааст. Ба назари Шумо сабабҳои аз фаъолият боз мондани корхонаҳо дар чист?**

-Дар моҳҳои январ - июни соли 2015 аз рӯи маълумоти оморӣ 293 корхонаи саноатӣ фаъолият накардаанд, ки сабаби аз фаъолият боз мондани корхонаҳои мазкур ин пеш аз ҳама норасоии ашёи хом, воситаҳои гардон ва инчунин кори мавсимии истеҳсолот мебошад. Сабаби асосии аз фаъолият боз мондани корхонаҳои соҳаи саноати сабук ин пеш аз ҳама набудани фармоишҳои доимӣ ва воситаҳои гардон мебошад. Корхонаҳои пахтатозакунӣ аз сабаби мавсимӣ буданашон дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз фаъолият мондаанд. Ба ҳамин монанд боз чандин корхонаҳои дигаре низ ҳастанд, ки бинобар сабаби мавсимӣ буданашон фаъолият накардаанд.

**-Мегуфтед, ки соли равон дар ҷумҳурӣ чӣ қадар пилла истеҳсол гардидааст?**

-Мувофиқи маълумотҳои фаврӣ соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 935 тонна пилла истеҳсол карда шудааст, ки 841,3 тоннааш навъҳои омехта ва 94,4 тонна навъи сақат мебошад. Ҳосили миёна аз ҳар қуттӣ 30,5 килограммро ташкил додааст.

**- Вазъи кунунии корхонаҳои саноати сабук дар чӣ ҳол аст, масалан калонсолҳо мегӯянд, солҳои пеш корхонаҳои "Дилором", "Гулдаст" ва ба ҳамин монанд чанд корхонаи дигар буд, ки занҳоро дар хонаҳояшон ба кор фаро мегирифтанд. Оё намешавад, ки имрӯз фаъолияти чунин корхонаҳо аз сари нав ба роҳ монда шавад?**

- Вазъи корхонаҳои саноати сабук сол аз сол беҳтар гардида, тамоюли солимгардонии истеҳсолот боло меравад. Солҳои охир як зумра корхонаю коргоҳҳои нави муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир сохта ба истифода дода шуда, ивази дастгоҳу таҷҳизоти куҳнаву фарсудашудаи корхонаҳои соҳа бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ давра ба давра амалӣ мегардад. Танҳо давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ, дар соҳаи саноати сабук ҷиҳати васеъгардонии истеҳсолот ва азнавтаҷҳизонии хатҳои технологӣ зиёда аз 39 миллион сомонӣ сармоягузорӣ шуда, аз ҷумла ба маблағи 29,8 миллион сомонӣ дастгоҳу таҷҳизоти технологии замонавӣ ворид карда шудаанд. Дар ин давра истеҳсоли якчанд намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазир ва воридотивазкунанда, аз ҷумла матоъҳо ва маҳсулоти чармӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва амалӣ гардидани корҳои азнавтаҷҳизонӣ, инчунин васеъгардонии истеҳсолот ва барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои аз фаъолият бозмонда роҳандозӣ мешаванд.

Бо дастгирии бевоситаи Президенти кишварамон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №375 аз 3 июни соли 2014 "Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" рушди соҳаи қолинбофӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба ҳамин хотир соли равон, дар 51 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 81 адад марказҳои таълимӣ-истеҳсолии қолинҳои дастбоф ва дигар ҳунарҳои мардумӣ бо ҷалби 4709 нафар шаҳрвандони маҳаллӣ ташкил карда шудааст. Аз ҷумла, дар вилояти Суғд-37 марказ бо ҷалби 2357 нафар, дар Хатлон-21, бо ҷалби 1010 нафар, дар шаҳри Душанбе-2, бо ҷалби 380 нафар, дар ноҳияҳои тобеи марказ-15, бо ҷалби 617 нафар ва ВМКБ, 6 марказҳои таълимӣ-истеҳсолии қолинҳои дастбоф ва дигар ҳунарҳои мардумӣ бо ҷалби 345 нафар шаҳрвандон ташкил карда шуааст.

Бояд қайд кард, ки ҳаҷми маҳсулот соли 2014 нисбат ба соли 2013 дар ҶДММ "Дилором" ва ҶДММ "Гулдаст" ба маротиб зиёд гардида, давоми нимсолаи аввали соли 2015 танҳо дар ҶДММ "Дилором" каме коҳиш ёфтааast ва дар ҶДММ "Гулдаст" бошад суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 111%- ро ташкил дод. Имрӯз, мушкилиҳо дар самти коркарди нахи пахта аз ҷониби корхонаҳои ресандагӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ин бобат чораҳо андешида мешаванд. Чунин мушкилиҳо, инчунин дар масъалаи фурӯши қолинҳо низ пурра эҳсос мегардад. Вале новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, давоми нимсолаи аввали соли 2015 ҳаҷми истеҳсол дар корхонаҳои соҳаи саноати сабуки кишвар ба 206,7 миллион сомонӣ расонида шуд.

**- Корхонаи кимиёвии Исфара то ба имрӯз чӣ қадар маҳсулот истеҳсол намудааст ва мегуфтед, ки вазъи кунунии корхонаи мазкур дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Бояд гуфт, ки ҶСК "Корхонаи кимиёвӣ"-и шаҳри Исфара яке аз корхонаҳои калони кимиёвии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Айни замон корхона тасмим гирифтааст, ки давра ба давра хатҳои технологиро иваз намояд. Барои истеҳсоли маҳсулоти нав аз хати технологиро ба маблағи 1,6 миллион рубли русӣ харидорӣ ва васл намудааст.

Корхонаи мазкур дар шаш моҳи соли 2015 ба маблағи 26975 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, 10386 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиш 162,6% -ро ташкил медиҳад. Дар 6 моҳи соли 2015 ба хориҷи кишвар ба маблағи 882,3 ҳазор сомонӣ маҳсулот содир намудаас. Дар дохили ҷумҳурӣ харидорони маҳсулоти корхона бештар мебошад. Давоми 6 моҳ шумораи коргарон 8%-зиёд карда шуда, ҳоло музди миёнаи меҳнат дар корхонаи 1200 сомониро ташкил медиҳад.



**- Дар масъалаи коркарди бензин дар ҶСК "Тоҷикхимпром"-и ноҳияи Ёвон чӣ гуфта метавонед? Зеро гуфта мешуд, ки 99%-и маҳсулот бояд ба хориҷи кишвар баровардa шавад.**

- Аз тарафи сармоягузорони Ҷумҳурии Озарбойҷон дар заминаи ҶСК "Тоҷикхимпром" бо мақсади ташкили корхонаи коркарди нафт ва аз он истеҳсоли намудҳои гуногуни бензин ба роҳ мондан ҳамкориҳои тарафайн дар ин самт оғоз гардидааст. Айни замон барои дарёфти маблағҳои зарурӣ ҷиҳати бунёди корхонаи мазкур чораҳо андешида шуда истодааст.

**- Бигӯед, ки имрӯз истеҳсолкунандаи ватанӣ чӣ имтиёзҳо дорад?**

-Санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷолибияти иқтисодиёти мамлакатро ба ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ таъмин мекунанд, такмил ёфта, барои рушди саноат, хусусан дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ шароити мувофиқ ба вуҷуд овардa шудааст.

Имтиёзҳое, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013 №93 "Дар бораи номгӯи техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмили (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил дода ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ва аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд" ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, бевосита барои беҳгардонии фазои сармоягузорӣ дар саноат мусоидат менамоянд.

Хусусан аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд ва содироти молҳое, ки корхонаҳои навтаъсис истеҳсол мекунанд, барои соҳаи саноат манфиатбахш мебошанд.

**- Оё корхонаҳои пойафзолбарорӣ ва дигар корхонаҳои саноати сабук ба ғайр аз мӯзаву сару либоси ягонаи мактабӣ ва либосҳои ҳарбӣ боз ягон намуди дигари либосҳоро омода мекунанд?**

-Бо мақсади ҷорӣ намудани технологияи пешқадами истеҳсолӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сифати маҳсулот, инчунин рақобатпазир будани онҳо дар бозор, аз ҷониби ҶДММ "Пойафзоли чармӣ" таҷҳизоти нави замонавӣ барои истеҳсоли пойафзоли мардона, занона ва бачагона ворид гардида, ба пуррагӣ насб карда шудаанд. ҶДММ "Пойафзолдӯзи Хуҷанд" ва ҶДММ "Тоҷик Эко чарм" низ ба истеҳсоли пойафзоли гуногун машғул мебошанд. Инчунин, дар КВД "Нури Ховар" ва ҶДММ "Азиз - 2015" пойафзолҳои резинӣ истеҳсол карда мешавад.



Дар корхонаҳои дӯзандагии кишвар ғайр аз либоси мактабӣ ва низомӣ, боз куртаҳои мардона, кӯдакона ва занона, шимҳо ва нимшимҳо аз ҷинс, либосҳои варзишӣ, футболкаҳо, халат барои духтурон, гарданбанд барои мактабиён, сарпӯшҳои гуногун, ҷомаҳои миллӣ, куртаҳои миллии занона ва маҳсулоти кешбофии таҳпӯш истеҳсол мешаванд.

**-Чанд фоизи маҳсулоти саноатии ватанӣ, ба хориҷи кишвар содирот карда мешавад?**

-Аз рӯи маълумоти оморӣ дар нимсолаи якуми соли 2015 ба маблағи 434,4 миллион доллари ИМА ё худ 2719 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ содирот шудааст, ки зиёда аз 50% маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатиро ташкил мекунад.

**- Ба назари Шумо куртаву шимҳои истеҳсоли корхонаҳои ватанӣ ҳадди ақал дар дохили кишвар харидори худро пайдо карда метавонанд?**

-Куртаву шимҳои истеҳсоли корхонаҳои ватанӣ бо назардошти аз пахтаи тоза будан талаботи ҳар як шахсро қонеъ гардонида метавонад. Вале, бо сабаби кам будани нуқтаҳои фурӯши молҳои ватанӣ (мағозаҳои фирмавӣ) ва суст будани корҳои таблиғотӣ, мардум дар бораи афзалиятҳои маҳсулоти ватанӣ маълумоти кофӣ надоранд.

Барои мисол дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши саноат доир ба мол истеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушд, ҷиҳати дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ дар мавзӯи "Интихоби ман - маҳсулоти ватанӣ" дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Данғара бо иштироки намояндагони корхонаҳои дӯзандагӣ, мақомоти иҷроияи ноҳияҳо ва шаҳрҳо, Вазорати маориф ва илм семинар - намоишҳо баргузор шуданд. Гузаронидани чунин чорабиниҳо минбаъд дар вилояти Суғд, ВМКБ ва шаҳру ноҳияи тобеи марказ пешбинӣ шудааст.

Ин намоишгоҳҳо натанҳо дар соҳаи саноати сабук, балки дар соҳаҳои саноати маъданҳои куҳӣ, саноати хӯрокворӣ, саноати маводи сохтмон, саноати ангишт намоиш ва ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти ватанӣ мунтазам гузаронида мешавад.

*Мусоҳиб*
**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**Муҳити зист**

***Ду хабари ба ҳам муқобил маро ба сафари навбатии «шаҳри металлургҳо» водор намуд. 5 август дар рӯзи 5 -солагии ташкилоти ҷамъиятии "Ҷунбиши экологҳои Ӯзбекистон", ки 5 сол пеш дар марз барои хатари экологии "Талко" эътироз намуда буданд, се шаҳрванди шаҳри Турсунзода 100 сола шуданд. Ин шаҳрвандон ҳамагӣ 25 чақрим дуртар аз корхонаи "Ширкати Алюминийи Тоҷик" зиндагӣ мекунанд. Воқеан, таҳлилҳои чанд соли охир нишон медиҳанд, ки аз нигоҳи шумораи дарозумрҳо шаҳри Турсунзода дар Тоҷикистон яке аз ҷойҳои аввалинро ишгол мекунад. Масалан, тибқи омори шуъбаи ҳифзи иҷтимоии шаҳр дар ин ҷо 6587 нафар шаҳрвандони аз синни 90 боло ва 26 нафар аз 100 сола боло зиндагӣ мекунанд. Синну соли сокинони ҷамоати Ҷӯра Раҳмон Холкузӣ Буттаева ва Турсунбибӣ Холбоева ба сад расида бошад ҳам, онҳо худро хеле бардаму бақувват ҳис мекунанд. Ва чуноне, ки дар боло ишора кардем, чунин инсонҳои дарозумр дар ин шаҳр хеле зиёданд. Ҳол он ки имрӯз дар дигар кишварҳо моро таъна мекунанд, ки тоҷикон ҳарчанд ворисони Сино бошанд ҳам, имрӯз тӯли дарозии умри инсон дар Тоҷикистон аз 67 беш нест. Хуб, ин мавзӯи суҳбати дигар аст, аммо дар ин ҷо мо мехоҳем, ки бори дигар ҳамсояҳоямонро ҳушдор диҳем, ки ин корхона боиси бадбахтии онҳо нест. Ва корхонаи филизгудозии Турсунзода чуноне, ки онҳо мепиндоранд, ба саломатии инсонҳо ягон хатаре надорад. Сардори шуъбаи экология ва ҳифзи муҳити зисти корхонаи "Ширкати Алюминийи Тоҷик" Нуралӣ Қодиров низ ба фикри ҳамтоёни ӯзбекаш розӣ буда наметавонад:***

## ЭКОЛОГҲОИ ТОҶИК ТАЪКИД МЕКУНАНД:

# ТАҲДИДИ "ТАЛКО" БА МУҲИТИ АТРОФ ДУРӮҒ АСТ!



-Ду сол қабл дар атрофии КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик" баҳси беасоси экологӣ сар шуда буд. Бо иқдоми роҳбарияти корхона конфронси ҷумҳуриявии "Ҳифзи муҳити зист ва тадбирҳои КВД "Талко" барои бехатарии экологӣ бо иштироки 67 нафар коршиносони дохилию хориҷӣ собит намуд, ки иқтидори тавлидотии ширкат ба муҳити атроф зарар надорад. Коршиносони хориҷӣ дар рафти кори конфронс бо вазъ хуб ошно шуданд ва ба хулосае омаданд, ки экологҳои ӯзбек беҳуда бонги хатар мезананд ва ин ғайр аз бахилӣ ба ҳамсоя чизи дигаре нест. Сипас, корхона ду сертификати ISO-14001:2004 (низоми менеҷменти экологӣ) ва OHSAS-18001:2007 (низоми менеҷменти ҳифзи меҳнат ва бехатарии истеҳсолӣ)-ро соҳиб гардидаст.

Дар айни замон ширкат ба мақсади ҳифзи ин санадҳои муҳим ва бехатарии экологӣ чорабиниҳои самарабахшро амалӣ менамояд, зеро бехатарии мардум ва аҳолии ин минтақа ба фаъолияти хуби ширкат мусоидат карда метавонад. Бешубҳа, бештари коргарони ин корхона аҳолии маҳаллиро дар бар мегиранду солимии онҳо солимии миллат низ мебошад. Дигар ин ки имрӯз на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон вобаста ба тағйирёбии иқлим ва рушд кардани саноати вазнин олимон барои камтар кардани хатари экологӣ корҳои бузургеро карда истодаанд, ки ин хатари экологии корхонаҳои азимро кам мекунад. Дар корхонаи мо низ дар ин самт лоиҳаҳои наверо пиёда месозанд, ки дар оянда натиҷаҳои боз ҳам хубтар ба бор хоҳанд овард.

Масалан, дар семоҳаи аввали соли 2015 тармими мукаммали таҷҳизоти газтозакунӣ ба маблағи 112 ҳаз. сомонӣ ба роҳ монда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 70,8 фоизро ташкил дод.

Ба мақсади ҳимоя аз зангзанӣ созаҳои филизии иншооти поксозӣ дар ҳаҷми 2,6 ҳазор метри мураббаъ ба маблағи 36,7 ҳазор сомонӣ рангмолӣ гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 94,3 фоизро ташкил дод. Партовҳои истеҳсолот ба андозаи 3,7 ҳазор тонна ҷамъоварӣ шуда, дуюмбора коркард гардиданд, ки нисбат ба семоҳаи аввали соли 2014 2,7 ҳазор тонна кам мебошад. Ин гувоҳи он аст, ки дар корхона ба истеҳсолоти бепартов аҳамияти зиёд медиҳанд.

Лабораторияи саноатии корхона ҳолати ҳавои атмосфераро дар коргоҳҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии ҳудуд ва атрофи корхона, инчунин ҳолати чароғонкунонӣ ва сатҳи радиатсияро дар коргоҳҳо назорат менамояд. Бояд гуфт, ки 3047 намунагирии ҳаво дар коргоҳҳо ва 696 намунагирӣ дар маҳалҳои аҳолинишини атрофи корхона ба иҷро расидааст. Дар натиҷа муқаррар карда шуд, ки таркиби фтор аз меъёр зиёд нест.

КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик" бобати тавсеа, таҷдид ва навсозии истеҳсолот, ҳифзи меҳнат ва анҷоми тадбирҳои бехатарии экологӣ, саноатӣ ва истеҳсолӣ дар сатҳи баланд чорабиниҳои мақсаднок баргузор менамояд.

Дар шароити савдои байналмилалӣ саъю кӯшиши бештари истеҳсолкунанда ҷиҳати тавлиди маҳсулоти баландсифат, мавҷуд будани сертификати стандарти байналмилалии сифат барои истеъмолгар аҳамияти ниҳоят калон дорад.

Бояд хотирнишон намуд, ки дар айни замон ширкат Низоми Ҳамгироии Менеҷмент (НҲМ) - Стандарти байналмилалиро татбиқ намуд, ки 3 стандартро муттаҳид намуда, инҳоро фаро мегирад:

**Стандарт дар соҳаи сифат;**

**Стандарт дар соҳаи экология;**

**Стандарт дар соҳаи ҳифзи саломатӣ.**

Мавҷудияти сертификатҳои мазкур яке аз талаботи асосии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо маҳсуб меёбад ва гувоҳии воридшавии корхонаи азамати алюминбарории Тоҷикистон ба қатори ширкатҳои муваффақтарини ҷаҳон мебошад. Дарёфти сертификати мазкур ҷиҳати ҷойгиронии аломати муносиб дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба КВД "Ширкати Алюминийи Тоҷик" ҳуқуқ дода, барои рақобатнокии бобарори маҳсулоти худ дар бозори ҷаҳонӣ имконият фароҳам меоварад.

Дар хотима ҳаминро иброз доштаниям, ки агар ин корхона ба ҷони инсон, ба таркиби меваҷот ва сабзавот хатар медошт, магар шаҳру навоҳии Турсунзода бо навъҳои беҳтарини ангур дар ҷумҳурӣ ва берун аз он шуҳратёр мешуд?

Пас, бори дигар таъкид намудан аз манфиат холӣ нест: "Талко ба мухити зист хатар надорад!"

**Мавҷудаи СОҲИБНАЗАР**
*Душанбе-Турсунзода*

**Минбари халқ**
19 **августи соли** 2015,
№34 (1013)

**Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, масъулони Раёсати кор бо занон ва оилаи вилояти Хатлон мегӯянд, ки теъдоде аз бонувон дар ҷануби Тоҷикистон ғайрирасмӣ - бе сабти фаъолият дар дафтарчаи меҳнатӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва муассисаҳои хусусӣ заҳмат мекашанд. Онҳо феълан маош (ҳақмузди ночиз) мегиранд, аммо азбаски фаъолияташон расмӣ нест, имкон дорад, ки дар оянда аз нафақапулӣ маҳрум шаванд.**



# ЗАНОНИ КИШОВАРЗ АЗ ҲАҚТАЛАБӢ МЕТАРСАНД?

## Шумораи зиёди занони хатлонӣ аз поймолшавии ҳуқуқи худ ба кору ҳифзи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба замин шикоят мекунанд

- Он занҳое, ки масалан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар ошхонаю дигар муассисаҳои хусусӣ кор мекунанд, аксаран дафтарчаи меҳнатӣ надоранд, дар ҷое корашон расман сабт намешавад ва гӯё онҳо бекор ҳастанд, - зикр кард Санавбар Самиева, сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи вилоят. - Аз ҳисоби маоше, ки мегиранд, андози иҷтимоӣ намесупоранд ва ин боиси он мешавад, ки онҳо дар оянда, вақте бознишаста шуданд, бо мушкили нафақапулӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Агар онҳо бо корфармои худ шартнома дошта бошанд, маоши муайян, ҳуқуқ ба табобату истироҳат пайдо карда, собиқаи кориашон сабт мешавад, ки ба фоидаи худашон аст. Имрӯз Раёсати кор бо занон ва оилаи вилояти Хатлон ба воситаи марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ, ки дар Қӯрғонтеппа ва тамоми шаҳру навоҳии вилоят фаъоланд, ба занон машварату маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медиҳанд. То имрӯз 1073 нафар, аз ҷумла 916 зан бо мушкилоти ҳуқуқии худ ба ин марказҳо муроҷеъ шуда, кӯмак гирифтаанд. Бонувоне, ки мувоҷеҳи проблемаҳои ҳуқуқӣ ё масоили вобаста ба замин, нобаробарӣ ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ мешаванд, метавонанд бидуни истиҳола ба ин марказҳои ҳуқуқӣ омада, бо ҳуқуқу манфиат ва уҳдадориҳояшон шинос шаванд.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ба иддаои соҳибназарон, бештар аз ҳама занони машғул ба умури кишоварзӣ аз сӯйи кордиҳандаҳои худ ҷабри беҳуқуқӣ мекашанд. Занон дар Хатлон қувваи кории арзон маҳсуб гардида, қисмати зиёди корҳои кишоварзиро маҳз онҳо анҷом медиҳанд. Ҳоло ҳақмузди миёнаи кормандони соҳаи кишоварзӣ, ки ҳамагӣ ба 230 сомонӣ баробар аст, дар муқоиса бо маоши миёнаи номиналии кор дар вилояти Хатлон (637 сомонӣ) 64% камтар мебошад. Маоши миёнаи кишоварзон аз андозаи маоши ҳадди ақалл низ 19 сомонию 56 дирам (9%) камтар аст.

Доно Абдураззоқова, коршиноси Барномаи озуқаворӣ ва кишоварзии СММ оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва гендерӣ, мегӯяд, ки феълан занони деҳотӣ ба хотири таъмини иҷтимоӣ беш аз ҳар вақти дигар кори вазнинро анҷом медиҳад. Барои таъмини зиндагии беҳтар занони русто дар замини наздиҳавлигӣ кор мекунанд, ба парвариши чорвои хонагӣ, анҷоми кори саҳро, кишти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷамъоварии ҳосил машғуланд.

Ба иддаои ин коршинос, занони рустоӣ аксар вақт ба меҳнати ғайрирасмӣ ҷалб шуда, бо ҳақмузди ночизе ҳаҷми бузурги корҳо дар саҳро анҷом медиҳанд. Зани деҳотӣ тамоми умр кори сангини кишоварзиро иҷро намуда, бо расидан ба синни бознишастагӣ метавонад нафақапулии ночизе бигирад ё ҳатто аз он маҳрум шавад.

Барномаи давлатии марбут ба ислоҳоти аграрӣ бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ 29.05.2010, №269 тасдиқ шудааст, алоқаи зич дорад. Ба гуфтаи Моҳира Раҳимҷонова, намояндаи Вазорати кишоварзӣ, "ин барнома тарафдории худро барои пешрафти рушди иқтисодӣ дар баробарҳуқуқии ҳам мардҳо ва ҳам занҳо тавассути мустаҳкам намудани замина барои сиёсати гендерӣ, таъсиси механизми самарабахш барои таъмини баробарӣ ва дастрасӣ ба захираҳо нишон медиҳад".

Ба қавли Раҷабгул Тағоева, сокини ноҳияи Хуросон, дар хоҷагии деҳқоние, ки ӯ кор мекунад, даҳҳо зан машғули кишоварзӣ ҳастанд, аммо ҳақмузди онҳо саривақт дода нашуда, бо корфармои худ қарордоди корӣ надоранд. Илова бар ин, ба гуфтаи ӯ, занон ҳатто аз ҳуқуқи худ барои гирифтани суди молиявӣ аз саҳмияҳои худ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ истифода карда наметавонанд.

Аз наздики 60 ҳазор хоҷагии деҳқонии мавҷуд дар вилояти Хатлон сарварии ҳамагӣ 6157 ҳазор ададашро бонувон уҳда мекунанд. Ба иддаои таҳлилгарони маҳаллӣ, дар ҳоле ки 85 дарсади занони хатлонӣ саҳмдори хоҷагиҳои кишоварзии маҳаллӣ ҳастанд, натанҳо ба замин ва манобеи сармоягузорӣ дастрасии маҳдуд доранд, балки аз ҳуқуқу манофеи кории худ ҳам ҳимоят карда наметавонанд.

- Баъзе занҳои мо намедонанд, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ саҳм доранд, - мегӯяд Райҳона Ҳақбердиева, раҳбари созмони ҷамъиятии "Дилафрӯз". - Маоши доимӣ намегиранд, кори аз меъёр зиёдро анҷом медиҳанд. Бисёр вақт дар ивази маош ғӯзапая мегиранд ва бо ин қаноат мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо занон нафақат дар қитъаи замини худ, балки ҳатто дар қитъаи замини бригадири худ ҳам кор мекунанд…

Бо ташкили хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, мушкили санадгузорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ афзуда, ҳамзамон истифодаи ғайрирасмӣ аз меҳнати занон дар кори саҳро низ рӯ ба афзоиш аст. Масъулони идораи кишоварзии вилояти Хатлон ҳарчанд дар зикри шумораи дақиқи занони машғул ба кишоварзӣ мушкилӣ мекашанд, аммо иқрор мекунанд, ки бахши аъзами кори саҳроро маҳз занон иҷро менамоянд.

Назира Сафарова, муовини собиқи сардори Сарраёсати кишоварзии Хатлон дар ин робита мегӯяд: "Занон аз ҳаққи худро талаб кардан метарсанд, чун корфармо метавонад нафари дигареро ба ҷояшон ба кор пазирад. Ҳоло шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ афзудааст, табиист, ки контроли кори онҳо ҳам мушкил аст, аз ин рӯ, ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқи кормандон, аз ҷумла занони деҳқон, зиёд ба мушоҳида мерасад. Баъзан аз камсаводии занони рустоӣ сӯиистифода ҳам мекунанд".

Бо пешниҳоди Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба раҳбарони тамоми хоҷагиҳои кишоварзӣ дастур додааст, ки бо кормандони худ шартномаҳои корӣ баста, ҳуқуқҳои онҳоро риоя кунанд. Аммо то ҳанӯз аз қариб 60 ҳазор адад хоҷагии кишоварзии мавҷуд дар вилояти Хатлон танҳо ҳудуди 15 фисадаш бо деҳқонон қарордод бастааст.

Хайриннисо Сариева, раиси хоҷагии деҳқонии "Холтӯра"-и ноҳияи Қубодиён, мегӯяд, тайи солҳои охир наметавонад аз бонкҳои тиҷоратӣ маблағи қарзӣ дарёфт кунад. Вай афзуд, ба хотири рушди хоҷагии кишоварзӣ ба дастикам 8 ҳазор доллар ниёз дорад, аммо бонкҳо аз ироаи қарз ба ӯ худдорӣ мекардаанд. Сабаби аслии парҳези бонкҳо аз ҳамкорӣ бо хоҷагии ӯ танҳо дар зан будани роҳбари он аст.

- Хоҷагии мо садҳо мушкил дорад, - мегӯяд ӯ. - Азбаски мо ба истеҳсоли пахта сарукор дорем, бароямон сараввал трактор лозим аст, аммо бе дарёфти қарзи бонкӣ онро харида наметавонем. Масъулони бонкҳо мегӯянд, ки зан ҳастӣ, моликият надорӣ, кафолат нест, ки маблағи қарзиро баргардонида тавонӣ. Аз ин рӯ, худдорӣ мекунанд. Мо 4 гектар замин дорем ва ҳоло танҳо бо сарфи нерӯ ва маблағҳои худӣ кори хоҷагии кишоварзиро пеш мебарем".

Як намояндаи "Агроинвестбонк", ки нахост номаш зикр шавад, гуфт, ки дар миёни мизоҷони ин бонк занони соҳибкор низ кам нестанд. Аммо вай иқрор кард, ки бонкҳои тиҷоратӣ санадҳо, дороиҳо ва тавонмандии занонеро, ки мехоҳанд қарз бигиранд, дақиқтар мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Зеро дар аксар маврид маълум мешавад, ки занон соҳибмулк нестанд ва барои дарёфти маблағи қарз моликияте надоранд, ки ба гарав гузоранд.

Абдулмуъмин Улфатов, сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон, мегӯяд, ки дар ҳақиқат иддае аз занон - роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ гоҳе бо мушкили дарёфти қарзҳои бонкӣ рӯ ба рӯ мешаванд. "Агар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз бонкҳо беш аз 5 ҳазор сомонӣ қарз гирифтанӣ шаванд, бояд ягон моликияташонро ба гарав гузоранд. Дар ин сурат, шавҳар ё фарзандони зане, ки роҳбарии хоҷагии деҳқониро ба зимма дорад, бояд ӯро дастгирӣ кунанд ва масъулиятро бо ӯ тақсим намоянд", - афзуд А. Улфатов.

Аммо С. Гулмуродов, сардори Раёсати андози вилояти Хатлон, дар посух ба суоли мо дар мавриди ин ки оё заноне, ки раҳбарии хоҷагиҳои деҳқониро ба уҳда доранд, аз ҷониби давлат ба чӣ васила дастгирӣ меёбанд ва оё аз ягон навъи имтиёз бархурдор ҳастанд, посух гуфт, ки қонунгузории андоз вобаста ба ҷинси шаҳрвандон имтиёзеро пешбинӣ накардааст.

- Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки баъзе мансабдорони давлатӣ азбаски тибқи қонун ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, заминро гирифта, хоҷагии деҳқонӣ ташкил медиҳанд ва онро ба номи занҳояшон сабт мекунанд, - афзуд С. Гулмуродов. - Чи хел мешавад, ки "роҳбари он хоҷагӣ зан аст" гуфта, ба ӯ дар пардохти андоз имтиёз диҳем.

Дар ҳамин ҳол, ба ақидаи Мукаррама Эгамназарова, раиси созмони ҷамъиятии "Занони деҳот" аз ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, дар аксар маврид ташаббусҳои занони рустоӣ барои таъсиси хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қавле саркӯб мешаванд.

- Мисол, зане, ки собиқаи зиёди корӣ дорад, бо замин сарукор мегирад, агар хоҷагии деҳқонӣ ташкил карданӣ шавад, баъзе мақомоти маҳаллӣ, раисони ҷамоатҳо монеа эҷод мекунанд, - афзуд М. Эгамназарова. - Ба хотири ин ки зан аз ин тасмимаш даст кашад, баҳона пеш меоранд, ки гӯё хоҷагиҳои деҳқонӣ хеле қарздоранд, дар сурати ҳамчун роҳбар интихоб шудан, аз ҳама пеш бояд қарзҳои собиқ хоҷагиро супоранд. Бо чунин суханҳо занонро ба қавле тарс медиҳанд.

Вале мисолҳое ҳам ҳастанд, ки занони хатлонӣ дар раҳбарии хоҷагиҳои деҳқонӣ, муваффақ ҳам шудаанд. Ба иддаои Гавҳарбӣ Пиракова, роҳбари хоҷагии деҳқонии "Хисрав"-и ноҳияи Восеъ, кори саҳро барои занони деҳот чандон мушкил нест. "Феълан 4 гектар замин дорем. Аз соли 1958 ба ин сӯ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ фаъолият дорам. Дар замин келину фарзандонам кор карда истодаанд. Вақти кор болои сарашон роҳнамоӣ карда меистам. Дар ин ҷо пахтаву ғалла ва сабзавот мекорем. Фарзандонам танҳо дар ҳамин хоҷагии деҳқониамон кор мекунанд, боре ҳам ба Русия нарафтаанд", - гуфт ӯ.

Бо вуҷуди ин, созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи занон мегӯянд, дар ҳоле ки бахши аъзами умури кишоварзии Тоҷикистон ба дӯши занон аст, мебояд занони кишварзро дастгирӣ намоянд.

Аз рӯйи таҳқиқоти Барномаи озуқаворӣ ва кишоварзии СММ, дар натиҷаи коҳиш додани фарқияти гендерӣ дар арсаи кишоварзӣ ва ҷалби бештари занон ба раҳбарии хоҷагиҳои деҳқонӣ майдонҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дубора ба кор андохта шуда, фазои мусоидтари корӣ фароҳам ва маҳсулнокии кор боло меравад. Инчунин ҳаҷми истеҳсоли маводи кишоварзӣ аз 2 то 4 фоиз афзун гардида, шумораи одамоне, ки дар ҳолати фақр ба сар мебаранд, 12-17% коҳиш хоҳад ёфт.

Ин ҳам дар ҳолест, ки тибқи моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ислоҳоти замин", шаҳрвандони дар маҳалҳои дахлдор истиқоматдоштае, ки дорои донишу ихтисоси махсуси кишоварзӣ мебошанд ва дар соҳаи кишоварзӣ таҷрибаи кори амалӣ доранд, барои гирифтани қитъаи замин, ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Бар асоси бандҳои "б", "г" ва "е"-и моддаи 7-и Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба "додани қитъаҳои замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ", "ҳифзи ҳуқуқи заминистифодабарандагон ва иҷоракорон", "таъмини дастрасии баробари занҳо ва мардҳо ба қитъаҳои замин" муваззаф ҳастанд.

**Носирҷон МАЪМУРЗОДА**

# ДУРӮЗЕ, КИ ДУНЁРО ТАКОН ДОД...

***70 сол муқаддам Япониpo таркишҳое такон доданд, ки амсолашро сайёраи Замин аз замони пайдоишаш надида буд. Ин таркишҳо шуое тавлид сохтанд, ки аз шуои Офтоби ҳаётбахш 1000 маротиба зиёд буд. Сухан оид ба ҳамлаҳо ба шаҳрҳои Хиросима ва Нагасаки меравад.***

**БОМБАБОРОНКУНИҲОИ** ҳастаии Хиросима ва Нагасаки (6 ва 9 августи соли 1945) аввалин (ва орзу дорем, бигзор, ки охирин бошад) намунаи истифодаи ҷангии силоҳи ҳастӣ дар таърихи инсоният ҳастанд. Он аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи ИМА бо мақсади таслимшавии Япония дар ҳошияи саҳнаи муҳорибаҳои Уқёнуси Ором дар Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ роҳандозӣ шудааст. Ин фарзияи расмии америкоиҳост.

Баъзан ба худ суол медиҳам, ки чӣ мешуд, агар ин ҳамлаҳо сурат намегирифтанд? Равиши таърихи башарият оё иваз мегардид? Вале ба ҳар ҳол думболи "чаро"-ву "агар"-у "магар"-ҳо нахоҳем рафт. Аз ин ҳодиса америкоиҳо як миф (асотир) сохтанд, ки ҷаҳонбинии томеро дар дунёи баъдиҷангӣ рӯйи кор овард ва онҳо ногузирии онро моҳирона сари саҳна низ гузоштанд, ки муҷозоте барои ин амалкардашон насибашон нагардид. Ба он хусусияти сакралӣ (муқаддас) ҳам додаанд-бозгӯ аз оне, ки "тартиботи нави ҷаҳонӣ"- ба истилоҳи лотинӣ - Novus ordo mundi (англисӣ-New World Order) инак "бечунучаро ҳукмрони сайёра" аст ва кӯшиши ба зеҳнияти башарият тамаркуз додани ин ғоя имрӯз кори марказҳои тадқиқотиест, ки ҷиддӣ сари кор машғуланд ва маҳсули фаъолияташон сарҳадҳоро миёни тамаддуну фарҳангҳои мухталиф тадриҷан маҳв месозанд. "Тартиботи нави ҷаҳонӣ" сиёсати неоколониализми (навмустамликадории) Ғарб аст, ки саттелитҳоро-масалан Японияи муосир, ки танҳо рӯи коғаз давлат асту "амният"-аш дасти абарқудрати дигарест, - вирди худ ҷамъ овардааст. Ин ҷо зиёд суханронӣ нахоҳем кард. Як чиз яқин аст, ин лоиҳаи дақиқ тарҳрезишуда нишон дод, ки баъди Ҷанги Дуввуми Ҷаҳон кӣ ҳокими дунёст. Мепурсед, ки он кишвар кадом аст? Посух медиҳам: албатта **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.**

Моҳи сентябри соли 1944 дар вохӯрӣ миёни президенти ИМА Франклин Делано Рузвелт ба Сарвазири Британияи Кабир Уинстон Черчилл дар Ҳайд-парк созишномае ба тасвиб расид, ки дар он эҳтимолияти истифодаи силоҳи ҳастӣ алайҳи Япония баррасӣ карда мешуд. Тобистони соли 1945 ИМА бо ҳамдастии Британияи Кабир ва Канада дар чорчӯби "лоиҳаи Манхеттэн" корҳои омодагиро дар самти сохтани аввалин бомбаҳои ҳастӣ ба анҷом расониданд. Ҳангоми шӯрои дуввуми худ Кумитаи интихоби аҳдоф (10-11 моҳи маи соли 1945) ҳамчун ҳадафҳои истифодаи бомбҳои ҳастӣ шаҳрҳои Киото (маркази бузургтарини саноатӣ), Хиросима (маркази бузурги лавозимоти артиш ва бандари баҳрӣ), Иокогама (маркази саноати ҳарбӣ), Кокура (аслиҳахонаи бузургтарини ҳарбӣ) ва Ниигата (бандари баҳрӣ ва маркази мошинасозӣ)-ро интихоб намуд. Таваҷҷуҳ кунед, хонандагони азиз, дар ин рӯихат шаҳри Нагасаки нест. Танҳо тасодуфи фоҷиавӣ дар ҳамбастагӣ бо вазъи ҳаво ба сари ин шаҳр борони мудҳиши диданашудаи маргборро фурӯ рехт... Вазири ҳарбии ИМА Генри Стимсон баъдан шаҳри Киоторо аз ин рӯихати марговар бо далели аҳамияти бузурги маданӣ доштанаш хат зад. Тибқи хотироти профессор Эдвин О. Райшауэр, "Стимсон ин шаҳрро медонист ва қадр мекард, чун даҳсолаҳо қабл ин ҷо "моҳи асалӣ"-ашро гузаронида буд".

16 июл дар озмоишгоҳи штати Невада аввалин таркиши муваффақонаи силоҳи ҳастӣ роҳандозӣ гардид. Қувваи таркиш бо эквиваленти тротилӣ 21 килотоннаро ташкил дод. 24 июли соли 1944 ҳангоми конфронси Потсдам президенти ИМА Гарри Трумэн ба сарвари Иттиҳоди Шӯравӣ Иосиф Сталин хабар дод, ки кишвараш соҳиби силоҳи нави дорои қувваи бузурги харобиовар то ин замон диданашуданӣ шудааст. Трумэн тавзеҳ надод, ки сухан нисбати силоҳи ҳастӣ меравад. Тибқи хотироти Трумэн, Сталин ба ин хабар таваҷҷуҳи зиёд зоҳир накард, танҳо гуфт, ки ӯ "хурсанд аст" ва изҳори умедворӣ намуд, ки акнун америкоиҳо метавонанд аз ин силоҳи нав алайҳи япониҳо истифода баранд. Черчилл, ки ҳамон ҷо ҳузур дошту бодиққат вокуниши Сталинро мушоҳида мекард, ба андешае омад, ки ӯ маънои аслии гуфтаҳои Трумэнро нафаҳмид ва ба он эътибор надод. Аммо лашкаркаши машҳур Георгий Жуков дар хотироташ чунин менигорад, ки Сталин аъло ҳамаро дарк намуд, аммо дар зоҳир инро нишон надод ва дар сӯҳбат бо вазири умури хориҷии Шӯравӣ Молотов гуфтааст, ки "бо Курчатов дар масъалаи тезонидани корҳои мо сӯҳбат намудан лозим аст". Баъд аз ошкор намудани ҷузъиёти амалиёти хадамоти махсуси америкоӣ таҳти номи "Венона" маълум гардид, ки ҷосусони шӯравӣ кайҳо боз аз ҷараёни сохтани силоҳи ҳастӣ огаҳӣ доштанду ба Марказ ин маълумотро мерасониданд. Тибқи баъзе маълумот, ҷосуси америкоитабори шӯравӣ Теодор Холл ҳатто мӯҳлати аввалин озмоиши силоҳи ҳастаиро ба сарвари давлати шӯравӣ барвақт расонида буд. Барои ҳамин ҳам Сталин оромона ин хабарро таҳаммул намуд.

25 июл президент Трумэн фармони бомбаборон намудани ҳадафҳои интихобнамударо содир намуд. 26 июл ҳукуматҳои ИМА, Британияи Кабир ва Чин эъломияи Потсдамро ба имзо расониданд, ки дар он таслими бечунучарои Япония талаб карда мешуд. Дар матн нисбати силоҳи ҳастӣ ягон сухане гуфта намешуд.



Рӯзи дигар рӯзномаҳои японӣ хабар доданд, ки ин изҳорот, ки матни он тавассути радио шунавонида шудаву ба воситаи тайёраҳо ба кишвар партофта шуд, аз ҷониби ҳукумати Япония рад карда шудааст. 28 июл сарвазири мамлакат Кантаро Судзуки дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки "эъломияи Потсдам на беш аз эъломияи Қоҳира аст, танҳо бо "ҷомаи нав" ва аз ҳукуматаш талаб намуд, ки ба он аҳамият надиҳад. Император Хирохито санаи 31 июл дар сӯҳбат бо Коиди Кито зикр намуд, ки ҳукумати императорӣ бояд бо ҳар баҳо ҳифз намуда шавад...

Акнун ҳалқаи дор ба гардани аҳолии бехабари Хиросима ва Нагасаки афтид...

### БОРОНИ МАРГОВАР

**МОҲҲОИ** май ва июни соли 1945 ба ҷазираи Тиниан, воқеъ дар уқёнуси Ором гурӯҳи 509-и омехтаи авиатсионии америкоӣ фуруд омад. Ин гурӯҳ алоҳида аз дигар қисмҳои ҳарбии дар ҷазира воқеъбуда ҷойгир карда шуда, таҳти муҳофизати қавӣ қарор дошт. 26 июл киштии ҳарбии "Индианаполис" ба Тиниан бомбаи ҳастаии "Тифл" (англ. Liitle boy)- ро овард. 28 июл Сардори кумитаи муттаҳидаи сардорони ситодҳо Ҷорҷ Маршалл фармони истифодаи ҳарбии силоҳи ҳастаиро имзо намуд. Ин фармон, ки аз ҷониби сарвари "лоиҳаи Манхэттен" генерал-майор Лесли Гровс омода гардид, уҳдадор мекард, ки "зарбаҳои ҳастӣ баъди 3 август зада шаванд, агар вазъи ҳаво имкон диҳад". 28 июл ба Тиниан фармондеҳи авиатсияи стратегии ИМА генерал Карл Спаатс омад, ки бо худ фармони Маршаллро дошт. 28 июл ва 2 август ба ҷазира тавассути тайёраҳо қисмҳои таркибии бомбаи дуввум - "Фарбеҳ" (Fat Man) расонида шуд.

Субҳи 6 августи соли 1945 тайёраи бомбаандози амрикоӣ B-29 "Enola Gay", ки ба шарофати модари фармондеҳи ҳавопаймо Пол Тиббетс- Энола Гей Хаггард номгузорӣ шуда буд, ба шаҳри Хиросима бомбаи ҳастаии "Little boy" ("Тифл")-ро, ки қувваи аз 13 то 18 килотонн тротилро дошт, партофт. Се рӯз баъд, 9 август бомбаи ҳастаии "Fat Man" ("Фарбеҳ") бо иқтидори 21 килотонн тротил ба шаҳри Нагасаки аз ҷониби халабон Чарлз Суини, фармондеҳи ҳавопаймои B-29 "Bockcar" партофта шуд. Аслан ҳадафи зарбаи дуввум шаҳри Кокура буд, вале вазъи номусоиди ҳаво имкон надод, ки ин нақша амалӣ гардад ва Нагасаки қурбони ин ҳамлаи марговар гардид. Шумораи умумии қурбониён аз 90 то 166 ҳазор нафар дар Хиросима ва аз 60 то 80 ҳазор дар Нагасакиро ташкил дод. 6 август, баъд аз ба даст овардани хабари бомуваффақият анҷом ёфтани ҳамла ба Хиросима президенти ИМА Гарри Трумэн чунин изҳор дошт: - "Мо ҳоло омода ҳастем, ки ҳар гуна истеҳсолоти япониро дар ҳар шаҳри ин кишвар зудтар фаротар нест кунем. Бигзор ин ҷо ягон нофаҳмие нашавад- мо қобилияти Японияро дар самти идома додани ҷанг пурра рафъ хоҳем кард. Маҳз барои мақсади хароб нашудани Япония талаботи Потсдам аз 26 июл қабул шуда буд. Роҳбарияти он тамоми тақозоҳоро рад намуда буд. Агар онҳо ҳоло ҳам тамоми талаботи моро қабул накунанд, пас борони марговарero сарашон бояд интизор шаванд, ки амсолашро сайёра то ин дам надидааст"...

Даҳшат аз ҳамлаҳои то ин дам дар таърихи инсоният диданашуда Сарвазири Япония Кантаро Судзуки ва вазири умури хориҷии кишвар Того Сигэнорияро водор ба он намуд, ки сари таслим андеша кунанд, нобоваста ба он, ки баъзе фармондеҳон талаб мекарданд, ки ҷанг давом дода шавад. 15 августи соли 1945 Япония таслимшавии худро эълон дошт ва 2 сентябр санади таслимшавиро имзо намуд.

### НАБЕРАИ ТРУМЭН: "БОБОЯМ АЗ КАРДААШ ПУШАЙМОН НАБУД"

**ПОЛ** Тиббетс, халабоне, ки Хиросимаро ҳадафи ҳамла қарор дода буд, ҳамеша ақида ба он дошт, ки амалаш дуруст будааст. 6 августи ҳамин сол Клифтон Даниэл Трумэн, набераи Трумэн гуфт, ки "бобояш то охири умр чунин меҳисобид, ки қарори партофтани бомбаҳо ба Хиросима ва Нагасаки дуруст буд ва ИМА ҳеҷ гоҳ барои ин амал бахшиш нахоҳад пурсид". Клифтон зикр намуд, ки ӯ ягон вақт алоқаи шахсии худро ба ин воқеаҳо ҳис намекард ва ҳамеша мӯътақид бо он буд, ки "бомбаҳои ҳастӣ манфиатовар буданд, чунки бо ёрии онҳо ҷанг зудтар ба итмом расид". Аммо фикри ӯ баъди оне тағйир ёфт, ки тавассути писараш аз таърихи духтарчае бо номи Садако Сасаки хабардор шуд, ки дар ҳамла ба Хиросима наҷот ёфта, вале баъд аз чанд сол дар натиҷаи бемории лейкемия (сафедхунӣ) вафот кардааст. Клифтон аввалин намояндаи авлоди Трумэнҳо аст, ки аз маросими бахшида ба қурбониёни ҳамлаҳои ҳастаиро дар Япония дидан намудааст. Дар баробари ин набераи Гарри Трумэн ҳоло ҳам мӯътақид ба он аст, ки бобояш "аз мақсадҳои наҷиб" ин амалро роҳандозӣ намудааст. Аммо ӯ иқрор мешавад, ки масъалаи ногузирии истифодаи силоҳи ҳастӣ ва "итмоми пешазвақтӣи ҷанг ба шарофат"-и ин бомбҳо бепосух мемонанд.

Нақши ин ҳамлаҳо дар таслимшавии Япония ва асоснокунии ахлоқии ӯ то ҳол аз мавзуъоти илмиву ҷомеашиносӣ маҳсуб мегардад. Ба қавли таърихнигори америкоӣ Сэмюэл Уокер, "баҳсҳо нисбати маъно доштан ё ногузирии ин ҳамлаҳои ҳастӣ то дер боз давом хоҳанд кард". Тарафдорони ин ҳамлаҳо одатан чунин мешуморанд, ки ин бомбаборонкуниҳо ба таслим шудани Япония оварда расониданд, ки ҷони садҳо ҳазор ва ҳатто миллионҳо нафарро наҷот доданд, агар ҳамла ба воситаи хушкӣ сурат мегирифт. Япония ният дошт то охир биҷангад ва ин ҳамлаҳо фикри давом додани ҷангро дар зеҳнияти элитаи ҳарбиву сиёсии кишвар ба куллӣ тағйир дод. Муқобилони ин ақида бар онанд, ки ин ҳамлаҳо танҳо иловае буданд ба бомбаборонкуниҳои муқаррарӣ ва ба онҳо зарурият набуда, аз бунёди худ ғайри қобили қабул ва берун аз чорчӯби ахлоқӣ буданд ва ҷинояти ҳарбӣ маҳсуб гардида, нишонаи терроризми давлатӣ ҳастанд, ки то ҳол давлати инро содирнамуда аз ҷавобгарӣ озод аст.

### БА ҶОИ ОХИРСУХАН

**ДУХТАРЧАИ** хиросимӣ Садако Сасаки, ки зикраш дар боло рафт, соли 1955 аз бемории лейкемия вафот намуд. Дар беморхона ӯ ривоятеро шунид, ки тибқи он шахсе, ки ҳазор турнаи коғазин омода созад, агар хоҳише дар дил дошта бошад, он ҳатман ҷомаи амал хоҳад пӯшид. Бо мақсади сиҳат шудан Садако аз ҳар порави коғаз дастрасаш ба сохтани турнаҳои коғазин оғоз намуд. Тибқи китоби нависандаи канадагӣ, ки барои кӯдакон асар эҷод мекард- Элеанор Коэр Садако танҳо 644 турнача сохт ва вафот намуд. Тибқи китоби дигар- "Sadako,s 4,675 Days of life" Садако 1000 турначаро ахиран сохт, аммо баъдан вафот намуд. Аз рӯи таърихи ин духтарча чанд асар таълиф шудааст.

Муттаасифона, имрӯз дар хоки Сурияву Ироқ ва дигар манотиқи ҷангзадаи олам ҳазорҳо "Садако"-ҳо мавриди қатли ҳайвонсиратони одамсурат қарор гирифтаанд, ки нисбати тақдири онҳо касеро парвое нест ва ҳеҷ асаре дар бораашон таълиф нахоҳад шуд...

**Азамат ДӮСТОВ**

Минбари халқ
19 августи соли 2015,
№34 (1013)

**Оши палав бо таъму лаззат аз тамоми ғизоҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунад. Он хӯроке аст, ки ба ҳеҷ сурат бо таъомҳои дигаре, ки аз биринҷ мепазанд, омехта намешавад. Оши палав ҳамчунин ғизое аст, ки ҷой ва замони муносиби ба рӯи дастархон омадани худро дорад. Ин мақому ҷойгоҳи оши палавро дар маросиму маъракаҳо ва дигар анвои ғизоҳо натавонистаанд бигиранд. Корманди илмии Институти таърих, археология ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ Мумина Шовалиева яке аз муҳаққиқони камназир аст, ки ғизоҳои машҳуру маълуми Осиёи Марказиро таҳқиқ кардааст. Ба гуфтаи ӯ, имрӯз вақти он расидааст, ки ин шоҳи ғизоҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба унвони як таоми миллии тоҷикӣ рӯнамо шавад.Вай муътақид аст, ки палави тоҷикӣ бо тарзи пухтану лаззати худ аз палави эронӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва даҳҳо навъи ғизоҳое, ки дигар миллатҳои сокини минтақа бо биринҷ мепазанд, ба куллӣ тафовут дорад.**



**Мумина ШОВАЛИЕВА,**
*Корманди илмии Институти таърих, археология ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ*

# ЛАЗЗАТИ ПАЛАВ ДИГАР АСТ...



*Суҳбати мо бо муаллима дар утоқи кориашон огоз шуд. Аммо дар ибтидо чун ба утоқашон даромада номашонро гирифтаму мақсадамро баён кардан хостам, гапамро бурида, бо шӯхӣ гуфтанд:*

-Медонам, бо мавзӯи палав омадаед. Ҳоло дигар гирди дегу кафгир ва табақҳои пур аз палав давр мезанам.

**- Ин тавр бошад, боз ҳам ба таърихи палав бармегардем. Сарчашмаҳои таърихӣ гуфта пеш аз ҳама кадом китобҳоро дар назар доред?**

-Пухтани палав ба пайдоиши биринҷ дар Осиёи Марказӣ рабт мегирад. Ҳанӯз дар қарни 3-2 пеш аз милод биринҷро аз қораи Ҳинд ба ин митақа овардаанд ва мардуми сокин дар қаламрави Суғду Бохтар аз ҳамон замон бо ин навъи таъом ошно шудаанд.

Абумансур Муваффақ дар китоби худ "Ҳақоиқ-ул-адвия" (асри 14) бори аввал дар мавриди ғизоҳои биринҷӣ маълумоти васеъ дода ин навъи хӯрокро барои ҷисм қавӣ ва барои меъдаҳои осебдида муфид донистааст.

Дар китоби "Сурат ва сирати Абу Алӣ ибни Сино" ҳам, ки дар бораи ин шахсияти таърихӣ навишта шудааст, ривоятҳое аз боби давобахшии ғизоҳои биринҷӣ оварда шудаанд.

Нуктаи дигари муҳим ин аст, ки Клавихо Руй Гонзалес, сафир ва сайёҳ аз Испания дар солҳои 1400-03 дар пайи боздид аз минтақаи Осиёи Марказӣ сафарномае навишта ва бо номи "Сафарномаи Самарқанд ва ширкат дар зиёфати дарбори Шоҳ Темур" чоп кард. Дар он дар бораи рӯи дастархони шоҳӣ гузошта шудани чандин навъи ғизоҳо ва бахусус таъомҳои пухташуда бо биринҷи зард қисса мешавад.

Ба гуфтаи баъзе аз сарчашмаҳо, ғизои биринҷӣ (гурунҷӣ) ҳанӯз дар асрҳои 9 ва 10 аз хӯрокҳои асосӣ дар суфраи шоҳону амирон дониста мешуд.

Абуисҳоқ Аътима, нависандаи китоби "Канз-ул-иштиҳо" (боз ҳам асри 14) маълумотномаи васеи пухту пази анвои ғизоҳои биринҷиро овардааст. Дар ин китоб аз ҷумла дар мавриди тарзи пухтани палав низ малумот дода шудааст.

Нависандаи асри 19 Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухорой дар китоби "Кони лаззат ва хони неъмат", ки солҳои 1880-81 чоп шудааст, бо тавзеҳи анвои ғизоҳо маводи хубу хонданиеро дар мавриди пухту пази мардуми тоҷик ҷамъоварӣ кардааст. Дар ин китоб бахше ба палав бахшида шуда ва шарҳи тафовути палав аз ғизоҳои миллии мардумони дигар кишварҳоро низ овардааст. Ин донишманд, ки бо се забон: арабӣ, форсӣ ва туркӣ ошно буд, ҳамчунин осори дигаре дар бораи таърих, тибб, хосияти гиёҳҳои шифобахш дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дорад.

Дар китоби "Амал-ул-солеҳин" Муҳаммад ибни Солеҳ (асри 18) аз боби 228 навъи таомҳои биринҷӣ ва аз ҷумла шарҳи тайёр кардани 20 навъи оши палав мавҷуд аст.

Лозим ба зикр аст, ки то асри 19 оши палав фақат бо гӯшти гӯсфанд ва думба пухта мешуд, истифодаи гӯшти гову равғани пахта дар қарни 20 расм ва ба одати мардум даромад.

**- Аммо ҳоло анвои палав аз онҷӣ дар сарчашмаҳо омадааст, хеле зиёдтар ба назар мерасад...**

- Ошпазҳои моҳири мо акнун қариб 130 намуди палавро пухта метавонанд, ки ҳар кадом аз дигаре хушмазаву зебо ва дилкаштар аст. Беҳуда намегӯянд, ки палав дар ҳақиқат аз ғизоҳое аст, ки вобаста бо рангу намудаш мазаи дигар пайдо мекунад.

**- Ба назари шумо, ки як муҳаққиқи ин мавзӯъ ҳастед, палав чӣ таоме ҳаст?**

- Палав шоҳи ғизоҳо ва ҳамзамон ғизои шоҳона аст, ки дар гузашта фақат хонаводаҳои доро ба он дастрасӣ доштанд. Дар зиёфатҳои шоҳону амирон низ он аз навъҳои асосии хӯроки рӯи дастархони пазирой буд.

Ҳамаи ғизоҳо ош номида мешуданд ва палав яке аз таомҳои миллии мо буда, ки акнун бо ин ном фаҳмида мешавад. Ҳоло дар аксари мавриди вақте ош мегӯем, палав-ро дар назар дорем.

Он ду навъ пухта мешавад, ки яке бо зирбак омехта ва дар тарзи дуввум биринҷ алоҳида ва зирбак алоҳида тайёр карда мешавад.

Тарзи якуми пухт имрӯз дар ҳамаи кишварҳои исломӣ, кишварҳои Осиёи ҷанубӣ, дар Ҳинду Покистон, Эрон, Афғонистон ва Озарбойҷон мавҷуд аст ва тарзи дуввум омехта ва якҷо пухтани зирбак бо биринҷ, ки хоси кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад фақат дар ин кишварҳо то ба имрӯз роиҷ аст. Палав ғизои шаҳр аст, аммо ҳоло ба як хӯроки умумимиллӣ табдил ёфтааст.

Дар гузашта барои мардуми кӯҳистон палав ғизои дараҷаи дуввум буд, ин сабабҳо дошт, мушкил будани тарзи пухт аз як тараф ва дастрасӣ надоштани мардум ба биринҷ ва сабзӣ (зардак) аз тарафи дигар сабабҳои маъмул нашудани он дар шароити кӯҳистон буд.

Сохта ва кушода шудани Роҳи бузурги Душанбе-Хоруғ дар соли 1940 имкони шиносоии баъзе аз мавзеъҳои кӯҳистонро бо ин навъи хӯрок бештар кард.

**- Ошноии худи Шумо бо палав кай ва чӣ гуна буд?**

- Мо аз аҳли Бухоро ҳастем. Падарам Боқизода Содиқхон аз дӯстдорони палав буданд. Он кас палавро Музаффарӣ мегуфтанд Ва ҳар бор таъкид мекарданд, ки палав ғизои мо, тоҷикҳо аст.

Он кас аз ҷумлаи зиёиҳое буданд, ки аз Бухоро ба Душанбе омаданд ва бо як духтари дарвозӣ издивоҷ карда ва ба ӯ пухтани палаву дигар ғизоҳоро ёд доданд. Шӯрборо хуш надоштанд ва мегуфтанд, ки он хӯроки камбағалон аст.

Падарам бар ин ақида буданд, ки агар як духтар пухтани 33 навъи хӯрок ва аз ҷумла палавро надонад, бояд шавҳар накунад.

Ман бори аввал дар 13 солагӣ дар озмуни "Сабзирезакунон" иштирок карда, ғолиб омада будам.

"Сабзирезакунон" яке аз марҳалаҳои тайёрӣ ба тӯю маъракаҳо буд. Худи ҳамин одат ҳам гувоҳи он аст, ки палав як ғизои миллии мост.

Сабзирезакунон як шаб пеш аз маросими тӯй ва маъракаҳо баргузор мешуд ва тамоми миқдори сабзии лозим он шаб реза мешуд.

Як шарт ин буд, ки вақти реза кардан бояд корд аз рӯи тахтача канда нашавад ва садо набарорад. Шарти дигар маҳин ва зебо реза кардани сабзӣ дониста мешуд.

Тоза кардани биринҷ ҳам аз вазифаҳои занону духтарон ба шумор мерафт.

Ба гуфтаи муаллима, палав ғизое аст, ки ҳар тоҷик ва ба хусус занону духтарон бояд пухта тавонанд.

Вай ба унвони як пажуҳишгар ва ҳамчун як модар муътақид аст, ки пухтани палав аз зебо ва хушсифат реза кардани сабзӣ оғоз мешавад. Ва беҳуда набуд, ки дар гузашта қабл аз ҳар тӯю маросим як шаб сабзирезакунон баргузор мешуд.

Ӯ мегӯяд: - Ин ҳоло одат кардаанд, ки ҳатто як килограмм сабзии реза лозим шавад, тайёрашро аз бозор мехаранд, аммо дар гузашта чунин набуд ва гоҳе занҳо ва дар баъзе аз мавридҳо мардҳо пеш аз маъракаву чорабинӣ сабзирезакунон баргузор мекарданд.

Палав нишонаи аслии ҳар тӯю маърака буду ҳаст. Беҳуда нест,ки қабл аз тӯй дар бобари дигар анвои тӯёна биринҷ ҳам мехариданд.

Тарафи домод ҳатман 50 килограмм биринҷ ба хонаи арӯс меовард, то ки духтардор оши палав пухта ба меҳмонон зиёфат диҳад.

Ба тӯй рафтан ба маънои ош хӯрданро дошт, одати бо таъомҳои дигари тезтайёр зиёфат кардану гуселонидани меҳмон акнун пайдо шудааст. Ин чиз дар тӯйҳои гузашта айб ҳисоб мешуд. Аммо муаллима бовар дорад, ки ин одатҳои нав дер давом намекунанд ва ғизоҳои саридастӣ ҷои палавро ҳеҷ вақт гирифта наметавонанд.

Вай ҳамчунин муътақид аст, ки ошпази хуб ҳамеша ҷойгоҳи худро дорад ва ҷои оши хубу баззатро ҳеҷ хӯроки дигар намегирад.

Дар китобе, ки муаллима навишта ва бо номи "Таърихи фарҳанги пухтупази халқи тоҷик"бо забонҳои русӣ ва англисӣ дар соли ҷорӣ ба нашр расондааст, дар бораи палав қариб ҳама чизро гуфтаанд. Таърихи пайдоиши палав, манбаъҳое, ки дар ин бора маълумот медиҳанд ва шарҳи тарзи пухтани палав аз бахшҳое аст, ки дар ин китоби таҳқиқотӣ омадааст.

Ин китоб натиҷаи таҳқиқоти қариб сисолаи муаллима буда, ки маълумотшро аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон гирд овардаанд.

Ин зани пажӯҳишгар аз пешниҳоди ҳукумати Тоҷикистон дар соли 2015 барои ба феҳрасти мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО дохил кардани палавро ба унвони як ғизои миллии тоҷикон истиқбол карда, меафзояд: **- Мо, тоҷикҳо ба чунин иқдом ҳақ дорем, зеро палав дар ҳақиқат дар рӯзгори мо як ғизои маъмули миллӣ буда ва ин пешниҳоди давлат мақоми иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ғизоро одилона мушаххас мекунад.**

Ёдовар мешавем, ки дар доираи барномаи расмии ҳукумати Тоҷикистон имрӯзҳо ҷашнвора - озмуни "Оши палав" дар шаҳру ноҳияҳои кишвармон ҷараён дошта ва давраи ниҳоии он рӯзи 22 августи соли ҷорӣ дар боғи фарҳанг ва истироҳати ба номи Дӯстии халқҳо дар пойтахт баргузор мешавад.

**Дар даври поёнии озмун намояндагон аз тамоми 68 шаҳр ва ноҳияҳои кишвар иштирок карда, маҳорати худро дар ошпазӣ бо намунаҳои ғизои пухтаашон ба намоиш хоҳанд гузошт.**

**Солеҳ АБДУЛАЗИЗ**

Боигарии миллӣ

# КӮЛҲОИ ШИФОБАХШ – МАНБАИ ДАРОМАД



## БА ШАРТЕ ОҚИЛОНА ИСТИФОДА ШАВАНД

**Б**ИНО ба маълумотҳо дар хоки Тоҷикистон беш аз 1300 кӯл бо масоҳати умумии 709 км2 мавҷуд мебошад. Дар байни онҳо 20 кӯл обу гили шифобахш доранд. Доир ба чанде аз кӯлҳои шифобахш, истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо маълумот медиҳем. Сабаби ба ин масъала рӯ овардани мо аз он маншаъ мегирад, ки солҳои охир бо роҳу воситаҳои гуногун аз хориҷа доруҳои қалбакии мухлати истифодаашон гузашта дохил мешавад, ки на ба манфиати беморон, балки барзарари онҳо равон мегардад. Барои ҳамин ҳам қисме аз беморон аз дорухонаҳо дору намехаранд, ба табибони халқӣ, гиёҳшиносон муроҷиат мекунанд, ба курорту санаторияҳои обтабобату гилдаво рӯ меоваранд.

Лойқаҳои шифобахш тавассути аломату хосиятҳои химиявӣ, физикӣ, механикӣ ва биологӣ (моддаҳои фаъоли биологӣ-витаминҳо, ферментҳо, ҳормонҳо) ба пӯсти бадани инсон ва системаи асаб таъсир расонида, барангезишро ба амал меоранд, кори узвҳо ва системаҳои алоҳидаи баданро метезонанд, мубодилаи моддаҳо авҷ мегирад, бо ғизо таъмин шуданро беҳтар мекунад, омосу варамҳоро бартараф, дардро таскин мебахшад ва ба сиҳатшавии узвҳо таъсири мусбат мерасонанд.

*Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои Осиё аз ҷиҳати фаровонии захираҳои обӣ аз қабили пиряхҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обҳои зеризаминию маъданӣ мақоми шоиста дорад.*

Гилтабобатро ба беморони аъзои такяву ҳаракат (аз ҷумла сутунмӯҳра, буғумдард, мушакҳо), ҷароҳату осебҳои дершифоёбанда, бемории аз зарбу лат хӯрдани маркази системаи асаб пайдошуда, асабҳои канорӣ, бемориҳои хоси занонаю мардона, иллати меъдаю рӯда, баъзе вайрониҳои рагҳои хунгард тавсия дода мешавад.

Бояд гуфт, ки илми пеллоидшиносӣ ин илми комплексӣ мебошад. Дар таҳқиқи ин соҳаи илм бояд духтурон, гидрогеологҳо, гидрохимикҳо, гидробиологҳо, гидрофизикҳо ва ба географҳо ҳамкории зич дошта бошанд. Мутаассифона, ҳанӯз чунин ҳамкорӣ дар Тоҷикистон ташаккул наёфтааст, вагарна кӯлҳои шифобахшро саҳеҳ омӯхта, истифодаи самараноки онҳо васеъ ба роҳ монда мешуд.

Аз дарёкӯлҳои давоии поёноби дарёи Панҷ Дарахтикӯл, Охташкӯл ва Шӯркӯл ҷойгоҳи хуби табобатиро соҳибанд. Лойқаи зери оби ин кӯлҳо аз 0,15 то 0,6 м ғафсӣ доранд. Намнокии гил аз 37 то ба 50% ва моддаҳои органикӣ дар кӯлҳо аз 0,73 то ба 1% мерасанд, ба талаботи гилдаво ҷавобгӯй мебошанд.

Шӯркӯл (Шуккӯл), ки 6 км ҷанубу ғарбии шаҳраки Панҷи Поён дар болои зинаи якуми дарёи Панҷ воқеъ аст, ба моҳи ҳилол шабоҳат дорад. Аз самти шимол обҳои зеризаминии сулфатию натригӣ ва аз самти ҷануб обҳои хлору магнигӣ ва гоҳо оби дарёи Панҷ ворид мешавад. Дар таркиби оби кӯл йод, бром, оҳан, мис, титан, молибден, кислотаи метаборат мавҷуд. Намакоби давоии кӯл аз 0,3 то ба 0,8 м ғафсӣ дорад. Маъданнокии оби кӯл дар самти ҷанубу ғарб 158-225 г/л, дар самти ҷанубу шарқ ба 350-375 г/л мерасад. Захираи лойқаи давоии кӯл ба 95 ҳазор тонна баробар аст. Лойқаи кӯл ҳанӯз истифодаи ҳақиқии худро наёфтааст.

Дарёкӯлҳои канори дарёи Чубек дар наздикии гумбази намаки Хоҷамӯъмин воқеъ гардидаанд.

Ташаккули обу лойқаи ин кӯлҳо ба обҳои зеризаминии аз самти дарёи Чубек ва гумбази намаки Хоҷамӯъмин воридшаванда алоқаманд мебошанд. Аз ҷиҳати таркиби химиявӣ хлоридию натригӣ ва сулфатию натригӣ иборатанд, маъданнокиашон ба 255-263 г/дм3 мерасанд. Дар таркиби оби чашмаҳо кислотаи борат (19,5 мг/л) бром, алюминий, стронсий, манган, титан, мис, нуқра, ванадий мавҷуд аст. Мутаассифона, обу лойқаи дарёкӯлҳо ва шӯробаи аз чашмаҳои канори гумбази Хоҷамӯъмин барояндаро ҳамчун маводи табобатӣ ба дараҷаи даркорӣ истифода намебаранд. Дар атрофи гумбази намак якчанд ғорҳо кашф карда шудаанд. Хуб мешуд агар дар заминаи лойқаҳои давоӣ, шӯробаи рӯдҳо ва ғорҳои намаки маҷмааи тиббию табобатӣ сохта шавад. Тавассути ғорҳои намакдор бемориҳои диққи нафасро табобат кардан имконпазир аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ инро собит кардааст.

Аз кӯлҳои музофоти Кӯлоб кӯлҳои Афғонделӣ, Дилоро, Пушион ва Танобчӣ маълуманд. Кӯлҳои Танобчӣ дар ноҳияи Темурмалик воқеъ гаштаанд. Бошандагони маҳаллӣ дар моҳҳои июлу август аз лойқаи шифоии ин кӯлҳо баҳрабардорӣ мекунанд. Мутаассифона, ин маводи табобатӣ истифодаи босамари худро наёфтааст.

Дар наздикии кӯҳи Чилдухтарони ноҳияи Мӯъминобод кӯлҳои хурди Сир ва Ғӯзачоғ мавҷуданд. Кӯли Ғӯзачоғ бо мавҷудияти зуллук (шуллук)-ҳои табобатиаш шуҳрати хос дорад. Сокинони гирду атроф ин шуллукҳоро баҳри табобат истифода мебаранд.

Ба гурӯҳи кӯлҳои пайдоиши пиряхии муолиҷавӣ доштаи Помири Шарқӣ Чуқуркӯл, Сасиккӯл, Тузкӯл ва Шоркӯл (Шӯркӯл) мансуб мебошанд.

Чуқуркӯл дар ҳавзаи дарёи Ғунт (Аличур) ҷанубтари Яшилкӯл воқеъст. Дар таркиби оби кӯл хлориди натрий ва карбонати натрий бартарӣ дорад, маъданнокиаш ба 370 г/л баробар аст. Дар таркиби намакоби кӯл йод, бром, кислотаи метаборат, фтор (то 800 мг/л) ва маргимуш (то 10 мг/л) мавҷуд аст. Оби рӯду чашмаҳои ба кӯл дохилшаванда хосияти соддагӣ ва калсигӣ доранд, маъданнокиашон ба 417 мг/л баробар аст.

Сасиккӯл шарқтар аз Яшилкӯл воқеъст, оби беҷараёни шӯру талх дорад. Ҳарорати лойқаи кӯл дар тобистон аз канор ба самти марказ аз 10 то ба 270С баланд мешавад. Лойқа бо метан (64,4%), нитроген (33%), оксиген (2,1%), гази турши ангишт (0,5%) ғанӣ гардидааст. Маъданнокии намакоби кӯл аз сатҳ (141 г/л) ба самти қаър (300 г/л) тағйир меёбад. Дар таркиби лойқаи кӯл, бром, бор, фтор, кислотаи метаборат, маргимуш, нуқра, мис, симоб, қиммати шифоии онро баланд бардоштаанд.

Шоркӯл (Шӯркӯл) яке аз кӯлҳои беҷараёни шарқии Помири Шарқӣ буда, шӯр ва хосияти баланди радиоактивӣ дорад. Обу лойқаи Шоркӯлро бо мақсади табобат истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити баландкӯҳ воқеъ гардидани кӯлҳои шифобахши Помири Шарқӣ истифодаи онҳоро маҳдуд гардонидааст.

*Дар таҳқиқи ин соҳаи илм бояд духтурон, гидрогеологҳо, гидрохимикҳо, гидробиологҳо, гидрофизикҳо ва географҳо ҳамкории зич дошта бошанд. Мутаассифона, ҳанӯз чунин ҳамкорӣ дар Тоҷикистон ташаккул наёфтааст, вагарна кӯлҳои шифобахшро барвақттар ва саҳеҳ омӯхта, истифодаи самараноки онҳо васеъ ба роҳ монда мешуд.*

Аз ин тавсифи мухтасар бармеояд, ки дар Тоҷикистон захираи лойқаҳои шифобахш дар дохили кӯлҳо фаровонанд, вале онҳо ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Доир ба истифодаи оқилона ва ҳифзи ин неъмати нодири табиат тадбиру чораҳои судманд андешида нашудаанд. Дар ҳолати фароҳам овардани шароити хуби табобат ва истироҳат давоҷӯён ба хориҷи мамлакат камтар мераванд, асъори миллӣ камтар талаф меёбад, дар дохили мамлакат табобат мегиранд, муассисаҳои тиббӣ-табобатӣ афзун мегарданд, одамон бо кор бештар таъмин мешаванд, шароити зиндагиашон беҳбудӣ меёбад.

**Ҳ.АБРОРОВ, И.РАҲИМОВ, З.ЛАБЛАБУНОВА, А.РАҶАБОВА,**
*ходимони илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АИ ҶТ,*

**Дар саросари ҷумҳуриамон ҳисси эҳтиром ба анъанаҳои гузаштагон хеле баланд гардидааст. Мардум нисбат ба таъриху рушди фарҳанги миллӣ икроми бекароне доранд. Муроди ҳама он аст, ки дороии маънавиашонро аз чанголи аждаҳои ҷаҳонишавӣ ҳифз намоянд. Дар сомони ин кори хайр Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар даврони Истиқлолият эътибори ҷиддӣ медиҳад.**

# КУҶОСТ РАҚСИ «УҚОБ»-у «ШАМШЕР»?

**МАБЛАҒГУЗОРӢ** ба соҳа дар даврони Истиқлолият хеле афзуд. Агар соли 2001 он 285 ҳазору 778 сомониро ташкил дода бошад, соли 2014 ин рақам ба 4 миллиону 704 ҳазор сомонӣ расид. Ҳоло дар ВМКБ 402 адад муассисаи фарҳангӣ фаъолият доранду ба сокинони шаҳру деҳот тибқи имконият хизмат мерасонанд.Бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурӣ,мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят Қасри фарҳанг дар ноҳияи Дарвоз, бинои нави театри вилоятӣ дар шаҳри Хоруғ азнавсозӣ гардида, қасрҳои фарҳанги навоҳии Ишкошим, Роштқалъа, Ванҷ аз таъмири асосӣ бароварда шуданд. Бо маблағгузории шӯъбаи сохтмони асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар ҷамоати деҳоти Қурбоншоҳ Гадоалиеви ноҳияи Роштқала Қасри фарҳанги замонавӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Соли равон бошад, сохтмони Қасри фарҳанг дар ноҳияи Рӯшон ба итмом расид. Бо кӯмаки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят шуъбаи фарҳанги вилоят ва сохторҳои он бо бинои корӣ таъмин шуда, ба шабакаи интернет пайваст гардиданд. Имсол хишти аввали бинои театри вилоятӣ гузошта шуд ва умуман дар рушди фарҳанг корҳои зиёде сомон дода шудаанду дар оянда низ рӯйи кор меоянд. Дар вилоят 20 клуби сайёр, 4 театри халқӣ фаъолият доранд.-Тавре мебинем, нерӯи беандоза аст. Кормандони соҳаи фарҳанг албатта заҳмат мекашанд. Пешравиҳо низ ҳастанд, аммо ҷомиаи имрӯза комёбиҳои бештарро тақозо дорад.

Волидайн бояд ба фарзандонашон на танҳо аз неку бад ҳарф зананд, балки уҳдадоранд,ки аз расму оинҳои гузаштагонашон ба онҳо қисса кунанд, ҳунарҳои ниёгонашонро ба онҳо биомӯзанд. Имрӯз дар Бадахшон ҳамин чиз хеле коста шудааст. На дар хона ба эътибор медиҳанду на дар мактабу ташкилоту муассисот. То солҳои наздик дар хонаи ҳар як бадахшонӣ рубоби помирӣ ва дигар асбобҳои мусиқии миллӣ буданд. Имрӯз дар хонаҳо аҳён-аҳён асбобҳои мусиқӣ ва чашм мерасанд. Умуман, ба ҳунаромӯзии наврасон дар Бадахшон аҳамияти ҷиддӣ нест. Рақсҳои хеле пурмуҳтавои мардона аз байн рафтааст.

Рақси мардонаи "Уқоб"-ро гирем. Уқоб парвози баланде дорад. Ва мард низ дар самои ҳастӣ ба хотири пешбурди рӯзгораш,дифоъ аз марзу буми Ватанаш дар олами нангу номус,ҷавонмардӣ бояд баландпарвоз,ҳамболу ҳампари уқоб бошад. Ана ҳамин чиз дар ин рақс комилан инъикос ёфтааст. Рақси "Шамшер" албатта аз номаш маълум аст. Вай дар майдон бо шамшер, ки чӣ қадар зебо мерақсад. Дар асл ин рақс не, сангари мардӣ дар майдон аст. Вай баъди торумор кардани хасмаш бо шамшер вориди майдони рақс мегардад.

Вақте шахс чунин муносибатро ба санъати волои миллӣ мушоҳида мекунад, ҳайрон мешавад, зеро дар ҳар давру замон Бадахшон дар соҳаи фарҳанг заминаи боэътимоде дошт. Ҳанӯз солҳои 50-уми қарни гузашта таҳти роҳбарии Артисти халқии СССР Ғуломалӣ Ғуломҳайдаров ансамбли фолклории "Помир" таъсис ёфта, ҳунармандонаш дар толорҳои кишварҳои дунё санъати волои тоҷикро нишон додаанд.

Дар рушди соҳаи фарҳанг албатта мушкилот аст,аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ фарҳанг низ бояд рушд ёбад.

**Лутфишоҳи ДОДО**



## БА ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Номаи бетаҳрир

# МУШТОҚИ ДИДОРИ ФАРЗАНДАМ

**Сабаби ба Шумо муроҷиат намудани ман, мӯйсафеди 82-сола ин аст, ки бо ҳукми суди шаҳри Челябински Федератсияи Русия аз 15 январи соли 2010-ум писарам Мирзоев Ҳабибулло Зарифович аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боздошт ва аз ҷониби суд ба муҳлати 11 сол аз озодӣ маҳрум карда шудааст.**

**Албатта, мани мӯйсафед то кадом андоза ҷиноят содир кардани фарзандам, аз гунаҳкор ва ё баръакс бегуноҳ будани ӯ хабар надорам. Маблағи иловагӣ ҳам надорем, ки ҳимоятгар (адвокат) гирифта, кори ӯро аз нав таҳқиқ кунем ва ҳуқуқи ӯро ҳимоя созем. Ӯро ҳамчун падар сафед карданӣ ҳам нестам, танҳо як хоҳиш дорам, ки дар айёми пиронсолӣ ман ва ҳамсарам, ки аз ғами фарзандаш ба бемории вазнин гирифтор аст, мехоҳем дидори фарзандамро бинем. Аммо мутаассифона, айни ҳол бинобар сабаби пиру нотавон ва бемор буданамон имконияти ба Федератсияи Русия сафар намуданро надорем.**

**Аз ин рӯ, аз Шумо ба сифати як фарде, ки тамоми ҳаёти худро баҳри пешравии мамлакат бахшида, айни замон дар дами пирӣ қарор дорам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба писарам Мирзоев Ҳабибулло Зарифович барои минбаъд адо намудани мӯҳлати ҷазо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат намоед.**

**Инчунин, мехоҳам зикр кунам, ки айни замон ман бо аҳли оилаам ба пуррагӣ омодаем, ки тамоми хароҷоти барои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон овардани писарамро ба зимма гирем. Зеро бо як ҷаҳон орзу ман ва ҳамсарам пеш аз марг орзуи дидори фарзандамро дорем.**

**МУҲТАРАМ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ!**

***Мо яқинан бар ин боварем, ки агар писарамон то охири муҳлати адои ҷазо дар Федератсияи Русия монад, дидани дидори ӯ ба мо муяссар намегардад. Аз ин хотир, дар фарҷоми сухан аз Шумо илтиҷо менамоем, ки хоҳиши мо пирони беморро ба инобат гирифта ба имдоди мо расед...***

**Мирзоев ЗАРИФ,**
*сокини деҳаи Шайхак,*
*ҷамоати Айнӣ,*
*ноҳияи Варзоб*

Вокуниш

*Ба мақолаи ҳафтанома аз 8 июли соли 2015 таҳти № 28 (1007)*

# "Роҳ бояд бехатар бошад"

**Таҷдид ва барқарорсозии роҳи минтақавии Душанбе-Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон аз ҷониби Бонки Осиёгии Рушд маблағгузорӣ мегардад. Маблағи умумии лоиҳа 131, 2 млн дол. ИМА (120 млн дол. ИМА Гранти БОР ва 11, 2 млн дол. ИМА саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) буда, барои таҷдид ва барқарорсозии роҳ бо дарназардошти корҳои иловагӣ, аз ҷумла сохтмони роҳи даромади Ҳисор дар ҳаҷми 93, 9 млн доллари ИМА пешбинӣ шудааст.**

**ТАТБИҚИ лоиҳа тибқи шартҳои БОР амалӣ гашта, назорат аз рӯи ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ва сифатнокии он ба уҳдаи ширкати машваратчигии хориҷӣ дар якҷоягии мутахассисони маҳаллӣ гузошта шудааст.**

**Ғайр аз ин татбиқи лоиҳа зери назорати доимии мутахассисони Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо, Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдор қарор дорад.**

**Тибқи Қарордоди байни Фармоишгар ва Паймонкор муҳлати корҳои сохтмонӣ 3 (се) сол муқаррар гардида, мебоист 30 октябри соли 2014 ба анҷом мерасид, вале бо сабабҳои дар рафти татбиқи лоиҳа иҷрои корҳои иловагӣ, инчунин сохтмони роҳи даромади Ҳисор бо дарозии 2,7 км ба миён омадан, муҳлати анҷоми корҳои сохтмонӣ, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БОР, то 30 июни соли 2015 тамдид карда шуд. Баъдан боз ҳам бо сабаби пайдо шудани корҳои иловагӣ ва барои босифат анҷом додани он, аз ҷумла роҳи даромади Ҳисор, оид ба то охири моҳи августи соли 2015 тамдид шудани корҳои сохтмонӣ, бо хоҳиши Машваратчӣ ва Паймонкор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод гардид.**

**Қайд кардан ба маврид аст, ки саравввал аз ҷониби БОР барои таҷдид ва барқароркунии роҳи мазкур маблағ танҳо дар доираи барқарор намудани роҳи мавҷуда, яъне таҷдиди роҳи мавҷуда бо паҳноии 12-15 метр бо ҳаракати 2 -хатаи нақлиёт пешбинӣ шуда буд.**

**Бо дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷаи гуфтушуниди зиёд бо БОР паҳноии роҳ дар қитъаи аз Дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе то шаҳри Турсунзода ба 23-25 метр бо ҳаракати 4-хатаи нақлиёт расонида шуда, лоиҳаи пешакӣ омода гардид. Аммо барои ба дараҷаи 1 расонидани роҳ мувофиқи меъёрҳои амалкунанда тамоми чорроҳаҳо ва дигар роҳҳои пайвастшаванда бояд дар сатҳҳои гуногун сохта шаванд, дар тамоми маҳаллаҳои аҳолинишин гузаргоҳҳои зеризаминӣ ё рӯизаминӣ бунёд карда шаванд, ки ҳамаи ин маблағ ва вақти зиёдатиро талаб менамоянд.**

**Масалан, барои дар сатҳи гуногун сохтани як чорроҳа дар шаҳраки 82 шаҳри Душанбе зиёда аз 35 млн дол. ИМА зарур аст. Аз ин лиҳоз бо дарназардошти маблағи пешбинишуда ва бинобар маҳдуд будани қитъаи замин ва ҳар чӣ камтар таъсирмандӣ дидани аҳолии ҳамшафати роҳ, ки талаботи БОР аст, дар давраи асосноккунии техникӣ - иқтисодӣ ва лоиҳаи пешакӣ танҳо паҳноии роҳ ба инобат гирифта шуду халос.**

**Айни ҳол корҳои сохтмонӣ аз рӯи лоиҳаи мувофиқашуда амалӣ гашта, паҳноии он дар тамоми қитъаҳо аз Дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе то шаҳри Турсунзода як хел буда, бо қисми ҳаракати 4-хата ва нишебию ҳамвориҳои роҳ аз рӯи лоиҳа мутобиқ ба меъёрҳои роҳсозӣ бунёд карда шудааст.**

**Оид ба зиёд шудани шумораи садамаҳои нақлиётӣ бошад, қайд менамоем, ки ин аз сабаби риоя нагардидани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронандагон мебошад. Зеро бо беҳтар шудани ҳолати роҳ ронандагон суръати ҳаракатро аз меъёр зиёд намуда, ба аломатҳои роҳ аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа аз ӯҳдаи идораи воситаи нақлиётӣ набаромада, ҷони худ ва дигаронро дар хатар мегузоранд.**




**Масъалаи паст намудани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи таъмини ҷойҳои нави корӣ дар давраи татбиқи лоиҳа бошад, ягон сирри махфӣ надорад. Масъалаи мазкур дар маълумотномаҳои ҳармоҳа дарҷ гардида, ба ҳамаи идораву мақомоти дахлдор пешниҳод карда мешавад ва ин маълумотҳо ба хабарнигорон низ дастрас мебошанд.**

**Нисбат ба татбиқи Нақшаи ҷудо намудани замин ва кӯчонидани аҳолӣ қайд намудан ба маврид, ки дар рафти тайёр намудани лоиҳаи муфассал бинову иншоот, хонаҳои истиқоматӣ, қитъаҳои заминҳои кишоварзии зери сохтмон қароргирифта аз ҷониби гурӯҳи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, нақшаи мазкур тайёр карда шудааст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, бо БОР мувофиқа гаштааст.**

**Кабудизоркунии роҳ яке аз қисмати дигари муҳими лоиҳа мебошад, ки он барои беҳтар намудани ҳолати экологӣ, муҳити зист ва намуди эстетикии роҳ пешбинӣ шудааст.**

*Бо эҳтиром, директори иҷроия* **И. ШОКУЛОВ**

# 10 иншооти ҳайратовари олам

## ЭМПАЙР СТЕЙТ БИЛДИНГ (EMPIRE STATE BUILDING)



Боҳашаматтарин бинои Ню -Йорки ИМА ҳанӯз соли 1931 сохта шудааст. Баландии ин бино 381 метрро ташкил дода, то соли 1972 замоне, ки бинои Маркази савдои умумиҷаҳонӣ дар ин шаҳр сохта шуд, Эмпайр Стейт Билдинг баландтарин бинои шаҳр ҳисобида мешуд. Тасодуфро бинед, ки баъди ҳаводиси террористии 11 сентябри соли 2001, ки бинои дугоники Маркази савдои умумиҷаҳониро ба замин яксон гардонид, бинои соли 1931 қоматафрохта боз мавқеи баландтарин иморати шаҳрро соҳибӣ кард.

## САРБАНДИ ИТАЙПУ



Сарбанди Итайпу (Itaipu) дар Бразилия ва Парагвай сохта шуда, азимтарин сарбанди неругоҳи барқи обии ҷаҳон маҳсуб меёбад. Сохтмони иншооти номбурда 16 сол тӯл кашида, соли 1991 ба анҷом расидааст. Дарозии сарбанд 7 ҳазору 744 метрро ташкил медиҳад.

## СИ-ЭН ТАУЭР (CN TOWER)



Оғоз аз соли 1976 то соли 2007 манораи телевизионии CN Tower баландтарин иншооти олам дониста мешуд. Манораи номбурда дар шаҳри Торонтои Канада қомат афрохта ифтихори сокинон аст. Баландии ин манора 553 метрро ташкил дода, дар баландии 342м - майдони тамошо дорад. Мавриди тазаккур аст, ки иншооти номбурда дар кутоҳтарин муҳлат, аз 12 феврали соли 1973 то 2 апрели соли 1975 сохта шудааст.

## КАНАЛИ ПАНАМА

Канале, ки дар муддати 34 сол сохта шудааст, 81, 6 километр дарозӣ дошта, гаронбаҳотарин иншоот дар таърихи қитъаи Америка дониста мешавад. Мавриди тазаккур аст, ки дар сохтмони канал беш аз 80 ҳазор сохтмончӣ аз бемориҳои мухталиф фавтидаанд.



## НАҚБИ ЗЕРИ ЛА-МАНШ



Нақби зери гулӯгоҳи Ла-Манш Франсияро бо Англия тавассути роҳи мошингард мепайвандад. Дарозии умумии нақби зери баҳр 51 километр аст. Аз ин рақам 31 километри он бевосита дар зери оби резишгоҳ сохта шудааст. Нақби зерибаҳрӣ соли 1994 мавриди истифода қарор дода шуд.

## СОҲИЛМУСТАҲКАМКУНӢ ДАР БАҲРИ ШИМОЛӢ (NETHERLANDS NORTH SEA PROTECTION WORKS)



Бо назардошти он, ки кишвари Нидерландия аз сатҳи баҳр пасттар ҷойгир аст, бо мақсади пешгирӣ аз тӯфони баҳрӣ таҳияи иншооти муҳофизатӣ - сарбандҳо роҳандозӣ шудааст.

Калонтарин иншооте, ки хушкиро аз хурӯҷи тӯфони баҳр ҳифозат карда метавонист, Netherlands North Sea Protection Works номгузорӣ шуда, дарозии он 1800 метрро ташкил медиҳад. Сохтмони ин сарбанд соли 1923 оғоз гардида, соли 1984 ба итмом расонида шудааст.

## ПУЛИ ДАРВОЗАИ ТИЛЛОӢ (GOLDEN GATE BRIDGE)

Пуле, ки шаҳри Сан -Франсискоро бо музофоти Мэрин пайваст менамояд, соли 1937 сохта шуда, то соли 1964 дарозтарин пули болои ноқилҳо овезон дар саросари олам буд. Дарозии он як километру нуҳсад метрро ташкил медод. Ин пули азамат бо ёрии симҳои фӯлодӣ , ки ба ду манора насб карда шудаанд, устувор аст. Симҳои пӯлодӣ дар маҷмуъ 128 километрро ташкил дода, ғафсии симҳои ба манораҳо устувор карда шуда 92, 7 сантиметрро ташкил медиҳад, ки то ба имрӯз барои сохтмончиён натиҷаи рекордӣ дониста мешавад.



## БУРҶИ АЛ -ХАЛИФА



Баландтарин биноест дар олам, ки дар шаҳри Дубай сохта шудааст. Маросими мавриди истифода қарор доштани он моҳи январи соли 2010 сурат гирифта, ин бино аз 828 метр дарозӣ ва 163 қабат иборат аст. Қабат (этаж)-и аз ҳама болои ин бино дар баландии 624 метр қарор дорад.

## КӮПРУКИ ХАНҶОУ



Кӯпруке, ки сохтмончиёни Чин дар Ханҷоу бино карданд, дарозтарин пули олам дониста мешавад. Оғози корҳои сохтмонӣ дар иншооти номбурда соли 2003 оғоз гардида, дар муддати 5 сол, яъне соли 2008 ба итмом расонида шудааст. Соли 2009 маросими ифтитоҳи он ва ҳаракати доимии нақлиёт тавассути он амалӣ карда шуд. Дарозии ин пул 36 километрро ташкил медиҳад.

## НБО "СЕ ДАРА"



Корҳои сохтмонӣ дар неругоҳи барқи обии "Се дара" дар дарёи Янзсии Чин соли 1992 оғоз гардида, соли 2010 аллакай даври аввали он мавриди истифода қарор дошт.

Мувофиқи лоиҳа иқтидори истеҳсолии НБО-и "Се дара" 18 200 МВт аст, ки дар ҷаҳон ба чунин иқтидор нерӯгоҳи барқие нест. Ҳаҷми ғунҷоиши об сарбанди бетонии электростансия 27 миллион метри мукаабро ташкил дода, дар неругоҳ 26 агрегат фаъолият менамоянд.

**Таҳияи М.МАҲМУДОВ**

### ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| К | | | Ф | Л | О | Р | Е | Н | С | И | Я | | М | О | К | А | С | И | Н |
| А | | | | | | | | О | | | Р | | | Л | | | И | | А |
| Н | | | | | | | Ч | А | Л | Ф | А | С | | А | С | И | Р | | С |
| Б | | | | | | | | С | | О | | А | | | У | | Д | У | О |
| Е | | | | | | | О | Л | А | М | А | Ф | Р | У | З | | О | | Р |
| Р | | | | | | | Д | | М | | Б | | И | | | А | Р | К | О |
| Р | И | Ш | Т | А | | | Д | И | Е | Г | О | | Б | А | Я | Н | | | |
| А | | Т | | В | А | Л | И | | Р | | Р | И | О | | | А | Н | Д | И |
| | | А | | А | | О | | | И | Л | И | | | С | | | | | Қ |
| Б | И | Т | Л | З | | Й | О | Р | К | | Г | А | Д | О | | | | | Т |
| Е | | | У | | Я | | К | | А | | Е | | | Ф | | | | | И |
| М | У | Р | Ғ | | К | Р | А | З | | А | Н | Г | А | Д | | | | | Б |
| О | | | А | Д | У | | | О | | С | | У | | И | | | | | О |
| Р | А | Ш | Т | | М | У | Х | Т | О | Р | | Ш | И | Л | Д | И | Р | О | С |

Сабукии кор

Савобдӯстдор

Дӯсти Винни-Пух, хар

Ҳарфи риёзӣ, =3,14

Шахс, як кас

Завраки хурди тезгард

Ситамдида, зулмдида

«Дар дег бошад, ба ... меояд»

... и Кӯҳкан

Гарданбанди гарм

Робита

Қаҳрамони филми «Субҳи ҷавонии мо»

Сарояндагӣ

Нидои мухлисони футбол

Деми ..., актрисаи Голливуд

Дар ҳақиқат, рост

Миллати сокини таҳҷоии Алмаато

Нимбоз, нимроғ

Додар (лаҳҷа)

Қанот

Шаробнӯшӣ

Картошкабирёни тарабхона

Аспирин ...

Мунъакис шудан

...-повар – сарошпаз

Сила, меҳрубонӣ

Шутури мода

Ситам, ҷабр

Як гузаштани сӯзану ришта

Муаллифи «Восеъ»

Махлуқи серпашми афсонавӣ

Сабзидан

Зангии бадрашк аз фоҷеаи Шекспир

... у зинат

Шаҳр дар Эрон

Бародар (шева)





Мева

Анҷоми моҳи Рамазон

онкология

Муқобили «марг»

Ҳам газ, ҳам моҳичаи зебо

Шармгин

# ДАЛЕЛҲОИ АҶИБ ОИД БА ЧИН

*Имрӯз "мӯъҷизаи иқтисодӣ"-и Чин дунёро ба ҳайрат овардааст. Мо оид ба ин ҳамсояи бузурги Тоҷикистон, кишвари дорои тамаддуни қадимаи воло баъзе далелҳое ин ҷо меорем, ки ҷолиб ҳастанд. Хонед, аҷиб аст:*



u Номи муосири инглисишудаи Хитой -"China", бо боварӣ метавон гуфт, ки аз сулолаи импературии Тсин (Цинь, Qin, ҳамчун "чин" талаффуз мешавад) гирифта шудааст. Маҳз замони ҳукумати ин сулола ҳудуди мамлакат ягона гардид. "Баҳамоваранда"-и он император Ши Хуанди (260-210 то милод) буда, замони халалнопазири императорӣ то соли 1912 давом кард.

u Чинро кишвари соҳибтамаддуни дунё меноманд. Баъзе аз бозёфтҳои таърихиеро, ки дар субҳи тамаддуни чинӣ бунёд ёфта буданд, олимон ба 6000 сол пеш аз милод нисбат медиҳанд.

u Забони чинӣ яке аз забонҳои қадимтаринест,ки то ин замон истифода мешавад.

u Чин ҷорумин кишвари бузургтарини дунё аз рӯи ҳудуди ишғолнамудааш мебошад (баъд аз Русия, Канада, ИМА). Масоҳати мамлакат 3 179 275 км.кв. аст (ин рақам аз нишондоди масоҳати ИМА қадре камтар аст). Тӯли сарҳадҳояш бо дигар давлатҳои ҳамҷавор аз 189 000 км. зиёд буда, наздики соҳилҳои Чин зиёда аз 5000 ҷазира ҷойгир шудааст.

u Аз рӯи зичии аҳолӣ Чин дар олам яке аз кишварҳои пешгом аст. Ҳар панҷумин сокини сайёра хитоист. Аз рӯи барӯихатгирии соли 2009 аҳолии кишвар 1 миллиарду 338 миллиону 612 ҳазору 968 нафарро ташкил медод, ки ин аз аҳолии Амрико 4 маротиба зиёд аст.

u Чин дар олам ҳамчун "шоҳигарии гулҳо" маъруф аст. Намудҳои зиёди меваҷоту гулҳое, ки сараввал ин ҷо парваришу ихтироъ кардаанд, имрӯз дар тамоми ҷаҳон коркард карда мешаванд.

u Коғази ташноб тақрибан соли 1300 дар Чин ихтироъ карда шудааст. Ҳаққи истифодаи онро танҳо аъзои оилаи император доштанд.

u Ғайр аз коғаз, хитоиҳо ҳамчунин қутбнамо (компас), борут ва дастгоҳи чопкуниро ихтироъ кардаанд.

u "Морҳои паррон" ("паррандаҳои коғазӣ", "арфаи Эол")-и чинӣ тақрибан 3000 сол пеш ихтироъ карда шудаанд. Сараввал онҳоро бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода мебурданд. Морҳоро барои тарсонидани душман ба фазо сар медоданд. Марко Поло (1254-1324) дар хотироташ менигорад, ки бо ёрии чунин морҳои паррон баҳрнавардон сафари баҳриро пешбинӣ мекарданд.

u Ҷанги чирчиракҳо яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи мардумии чинист. Бисёри кӯдакон онҳоро ҳамчун ҳайвоноти хонагӣ нигоҳ медоранд.

u Чин дар як минтақаи соатӣ ҷойгир шудааст.

u Бисёри таърихнигорон бар он назаранд, ки Чин ватани бозии футбол мебошад. Ҳанӯз солҳои 1000-и қабл аз милод хитоиҳо бо тӯб бозӣ мекарданд.

u Пинг-понг яке аз бозиҳои дӯстдоштатарин дар Чин аст. Аммо ғояи ихтирои бозии тенниси рӯи миз на ба хитоиҳо, балки ба англисҳо тааллуқ дорад.

u Шуғли аз ҳама паҳншудатарини сокинони Чин ҷамъоварии маркаҳо мебошад.

u Пандаҳо (хирсҳо)- и бузургҷусса дар ҳудуди Чин анқариб 2-3 миллион сол зиндагӣ доранд. Нахустин императорони хитоӣ пандаҳоро барои "дур сохтани қувваи бадӣ" ва фалокатҳои табиӣ нигаҳ медоштанд. Ҳамчунин ин хирсҳои алобуло чун рамзи матонат ва қудрат ҳисобида мешуданд. Имрӯз онҳо рамзи асосии Чин ҳастанд.

u Баръакси кишварҳои аврупоӣ, дар Чин ранги мотамӣ на сиёҳ, балки сафед аст.

u 27 сентябри соли 2008 аввалин кайҳоннаварди чинӣ ба фазои кушоди коинот баромад. Номи ӯ Чжаи Чжиганг аст.

Давом дорад

*Таҳияи* **Азамат ДӮСТОВ**

Обуна-2015

u Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,
u Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,
u Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,
u Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,
u Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,

## ба ҳафтаномаи "МИНБАРИ ХАЛҚ" обуна шавед!

**МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!**

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои обунаро метавонед ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728,
**С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264
**МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти
БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**



**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН:** 221-25-36, 221-63-21

Маслиҳати муфид

## УСУЛИ ТОҶИКИИ САРД КАРДАНИ ХОНА

Фасли тобистон айёми гармии ҳавост. Дар муддати ҳукмронии ин фасли гармо мардум бештар ҷойҳои салқин ва ба истироҳат мувофиқро меҷӯянд. Яке дар хонааш кондисионер насб мекунад, дигаре бо ҳавопуфкунак (вентилятор) қаноат мекунад, сеюмӣ матои тарро ба гардан гузошта, рафъи гармӣ менамояд. Онҳое, ки дар назди кондисионерҳо менишинанд, аксаран аз дарди миёну пойҳо шикоят мекунанд, чаро ки ҳеҷ як асбоби ихтироънамудаи одам ҷойи неъматҳои атонамудаи табиатро гирифта наметавонад. Як шамоли форами табиӣ ва як насими раҳгузар, ки бомаром дарахтонро ба рақс меорад, роҳатафзотар аз ихтирооти сунъӣ инсон аст.

Табиист, ки на ҳар кас қудрати харидорӣ намудани кондисионерҳои гаронарзишро дорад, зеро арзиши он имрӯз тақрибан дувуним ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Инсон бо нерӯи ақлониву ҷисмонӣ ҳар як мушкилоти пешомадаро рафъ месозад. Масалан нафароне, ки конденсионер надорад, роҳи дигари салқин кардани хонаро ёфтаанд.



Шумо ҳам, бо истифодаи матои пахтагӣ, об ва ҳавопуфкунак (вентилятор) метавонед хонаро сард нигоҳ доред. Дар назди вентиляторяк зарфи обдорро гузошта, матои пахтагини андозаи 1х1-ро (аз дока истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст) дар дохили он тар мекунем. Як сари матоъро ба болои ҳавопуфкунак мепӯшонем. Сари дигари матоъ дар даруни зарфи обдор меистад. Ҳангоме ки вентилятор кор мекунад, ноаён зарраҳои обро "пуф" карда, намнокии хонаро таъмин ва онро сард месозад. Қисмати даруни зарфи обдорбудаи матои пахтагӣ обро кам-кам ҷабида ба боло медиҳад ва ҳамин тавр мо бе харҷи зиёд соҳиби "кондисионер"-и тоҷикӣ мешавем. Профессор Абдуалӣ Абдуманнонов ин ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад: "Ин усул хеле сода буда, бар асоси ҳодисаи физикии бухоршавӣ ба амал меояд. Молекулаҳои об ҳангоми бухоршавӣ гармиро ба худ мегирад ва боиси ба вуҷуд омадани сардӣ мешавад. Дар он ҷое, ки бухоршавӣ зиёд аст, ҳатман сардӣ пайдо мешавад. Масалан, мо рӯйи ҳавлиро об мезанем, об бухор мешавад ва гармии муҳитро фурӯ мебарад, дар натиҷа ҳавлӣ салқин мешавад. Ё ин ки барои бартараф кардани гармии бадан даструйимолеро тар карда бар гардан мегузорем. Дар ин сурат низ оби бадани мо бухор гардида, гармиро бо худ мебарад.

Вале истифодаи усули дар боло зикркардаамон ҷанбаҳои манфӣ низ дорад, - мегӯяд мусоҳибам. Махсусан, дар хонаҳое, ки китоб нигоҳ дошта мешавад, ин усул бинобар буғшавии зиёд ва баланд шудани намнокӣ метавонад, ба таркиби китоб таъсири манфӣ расонад ва ба варам кардани китобҳо оварда расонад".

**Тоҷибой СУЛТОНӢ**

МИНБАРИ ХАЛҚ
НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ маводлибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:**
Хусрав Дӯстов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Ҳуринисо Ализода, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Мавҷуда Соҳибназарова, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**

**Навбатдор: С.ЮСУФОВ**

